БАХТИЁР ҲАМЕША ДАР ЁДИ ВАТАН БУД с.5

ҒАСБИ ХОНАИ САФИРИ АФҒОНИСТОН с.4

ҚАРЗДОРОНИ МИЛЛИОНЕР КИСТАНД? с. 7





# ТОҶИКИСТОН

№17 (1580), 24.04.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


## ДАР ИН ШУМОРА:


**ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН**
Тиҷорат дар рақамҳо с.7

**ПЕШСАФИИ ЧИН**
Чаро сармоягузорони хориҷӣ ба Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд? с.3

**МАФИЯИ ЗАМИНФУРӮШӢ**
Ё "корнома"-и 2 амакбача дар Хуросон с.13

**60 МЛРД ДОЛЛАР**
Кумаки ИМА ба Украина с.4

**ФОҶЕА**
Чаро Ситора падари 3 фарзандашро кушт? с.13

**АКАДЕМИК ИМОМЗОДА**
Ҷонфидои ҷодаи айнишиносӣ с.11

**ВАРЗИШ**
Тоҷикистон ба Ҷоми Ҷаҳон роҳ ёфт с.15


# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ИТАЛИЯ

## аз лағви раводид то бунёди корхонаҳои муштарак




## МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

*Маҷмааи бисёрфунксионалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

М.О.О. Group
СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —

*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ИТАЛИЯ

## аз лағви раводид то бунёди корхонаҳои муштарак



**22-юми апрел Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ вориди шаҳри Рим - пойтахти Ҷумҳурии Италия шуд. Дар фурудгоҳи байналмилалии Фюмичино ба номи Леонардо да Винчи меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақом ва шахсони расмии Ҷумҳурии Италия ва Ватикан истиқбол гирифтанд.**

### Мулоқоти ду Президент

23-юми апрел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Италия Серҷо Маттарелла мулоқот кард.

“Мо Ҷумҳурии Италияро шарики муҳим ва боэътимоди худ дар Аврупо медонем”,- таъкид дошт Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози сухбат.

Ҷонибҳо зимни музокирот маҷмӯи масоили ҳамкории байни ду давлат ва густариши робитаҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, инчунин имконоти татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузориро баррасӣ карданд.

Баҳрабардорӣ аз таҷрибаи ғании Италия, бахусус дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноати сабук, хӯроквrouted, дорусозӣ, истихроҷи маъдан, истифодаи захираҳои табиӣ ва кишоварзӣ аз самтҳои афзалиятноку барои ҷонибҳо судовар номида шуд.

Таъкид гардид, ки таъсиси Шӯрои муштараки тиҷоратӣ барои густариши ҳамкории ҷонибҳо дар бахши хусусӣ иқдоми саривақтӣ хоҳад буд.

Роҳбарони 2 давлат Созишнома дар бораи лағви раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатиро иқдоми муҳим арзёбӣ намуданд. Ҷонибҳо оид ба рушди бахши сайёҳӣ ва инфрасохтори он, робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ ва ҷалби ҷавонон ба таҳсил дар муассисаҳои олии Италия табодули афкор намуданд.

Зикр карда шуд, ки парлумонҳои ду кишвар дар чаҳорчӯби Парлумони Аврупо ҳамкории судманд доранд ва барои ҷоннок кардани он таъсиси гурӯҳи дуҷонибаи дӯстии парлумонии Тоҷикистону Италия амри зарурӣ аст.

Дар рафти вохӯрӣ масоили ҳамкории кишварҳо дар доираи ташкилоту созмонҳои бонуфузи олам, аз қабили СММ, САҲА ва дигар сохторҳои байналмилалӣ муҳокима гардид.

(Давомаш дар саҳ.5)



## САРИ САБЗ



**Абдуҷаббор СУРУШ,**
**шоири рангинхаёли тоҷик**

**- Дар Эрон низ ба шеърҳои ман таваҷҷуҳ кардаанд, маҷмӯаи маро бо номи “Ширини ман, Ширин” чоп карданд. Бидуни ҳеҷ иқдому талошҳои худам. Яъне, шеъри арзандаро, пайдо мешаванд инсонҳое, ки қабул намоянду қадр кунанд.**

*- Дар Афғонистон ҳам шеърҳоятонро хондаву дар шакли китоб нашр кардаанд. Дар Тоҷикистон чӣ? Чанд китобатон бидуни иқдому талошҳои худатон, бо кумаки нафарони қадршинос чоп шудааст?*



**Раҷабгул ҚОСИМОВА,**
**ҳунарманди театр ва синамо**

**- Имрӯз ҳама чиз мерасад, вале одамон ба ҷойи шукрона кардан моҷароҷӯӣ карда мегарданд. Дар замони мо зиндагӣ душвор буд. Мо дар як хона 3 келин зиндагӣ мекардем, аммо ягон бор гапамон нагурехтааст, чунки ҳамдигарро ҳурмату эҳтиром мекардем.**

*- Имрӯз ҳам зиёд аст ҳолатҳое, ки дар як хона 3-4 келин зиндагӣ мекунанд ва бо ҳам хеле муттаҳиданду аз як гиребон сар мебароранд. Хусусан вақте ғайбати хушдоман мавзӯи суҳбат аст...*



**Хурсандмурод ЗАРИПОВ,**
**Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон**

**- Ман унвони Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистонро соли 1996 гирифта будам. Аммо то ҳол ба худам савол намедиҳам, ки чаро Ҳунарманди халқӣ нашудам, зеро ҳастанд унвондороне, ки халқ онҳоро намешиносад.**

*- Охир, ҳамон бечораҳоро шиносонед, ки халқ донанд кистанд. Ин коратон як рисолати хуб ва кумак ба унвондорону дар умум, муаррифии бештари соҳаи фарҳанги кишвар мегардад.*


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ЧИН АЗ РУСИЯ ГУЗАШТ

## Ҷаро сармоягузорони хориҷӣ ба Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд?



**Сол аз сол таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ ба Тоҷикистон бештар мешавад. Махсусан, Чин, ки қариб 10 сол инҷониб ҷиҳати сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон дар раддаи аввал қарор мегирад. Ҳарчанд, қаблан Русия дар мавқеи аввал қарор дошт.**

### 1
### СЕГОНАИ САРМОЯГУЗОРОНИ БУЗУРГ

Сегонаи давлатҳои калонтарини сармоягузор ба иқтисоди Тоҷикистон Қазоқистон, Чин ва Русия мебошанд. Хуршедаи Қодир, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон зимни як ҳамоиш вобаста ба муаррифии дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар шаҳри Душанбе гуфт, ки Қазоқистон беш аз 220 млн доллар, Чин беш аз 130 ва Русия қариб 100 млн доллар ба Тоҷикистон сармоягузорӣ намудаанд. Ин маблағест, ки дар як соли гузашта кишварҳои номбурда ба иқтисоди Тоҷикистон сармоягузорӣ кардаанд. Дар маҷмуъ, соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон 2,7 млрд долларро ташкил додааст, ки дар муқоиса бо нишондоди соли қаблӣ 114 млн доллар зиёд мебошад.

Қазоқистон бо ин рақам танҳо соли гузашта ҳиссаи намоёни худро дар рушди иқтисоди Тоҷикистон гузошт ва кӯшиш дорад, ки бо Чин баробар шавад. Аммо Чин дар Тоҷикистон бо бунёди корхонаҳои муштарак, роҳҳои транзитӣ ва ба ин васила таъсиси ҷойҳои корӣ мавқеи намоён дорад.

Мақомоти Тоҷикистон ба ин боваранд, ки маҳз имтиёзҳои андозӣ ва фазои мусоид барои сармоягузорон имкон фароҳам овардааст, ки нишондиҳандаҳо назаррас шаванд. Ба андешаи коршиносон низ нисбат ба чанд соли пеш монеаҳои маъмурӣ камтар, инфрасохтори сармоягузорӣ ва системаи мукаммали имтиёзҳои андозӣ ба миён омаданд. Вале ин кифоя нест. Тоҷикистон талош дорад, ки дар доираи амалишавии барномаҳои рушди саноат барои сармоягузорон сабукиҳоро бештар намояд.

### 2
### ЧИН ПЕШСАФ

Аммо набояд фаромӯш кард, ки аз соли 2010 инҷониб Чин бузургтарин сармоягузор ба иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Чун ҳамеша ин кишвар пешсафи сармоягузорони хориҷӣ мебошад. Чин дар Тоҷикистон роҳ месозад, дар бунёди лоиҳаҳои муштарак, иншооти бузурги саноатӣ иштирок мекунад. Сармоягузории чинӣ ба бахшҳои алоқа, сохтмон, хадамоти молиявӣ, истихроҷи маъдан ва насби таҷҳизоти технологӣ низ равона шудааст.

Ба андешаи коршиноси масоили иқтисодӣ Баҳром Шарипов, дар рушди соҳаи саноати кишвар маблағгузории Чин зиёдтар аст.

“Ҷиҳати мусбат дар он аст, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил ва ашёи хом дар дохил коркард мешавад. Бо назардошти барномаҳои нав, аз ҷумла 5-солаи рушди саноат вазифа гузошта шудааст, ки коркарди ашёи хом то лаҳзаи ниҳоӣ дар Тоҷикистон роҳандозӣ гардад.

Сармоягузории Чин нисбат ба саромоягузории кишварҳои Ғарб андак фарқ мекунад. Яъне, Чин бовариаш зиёдтар аст. Ғарб бошад, дар инҷо хавфҳои Афғонистонро ба назар мегирад. Бинобар ин, камтар сармоягузорӣ мекунад. Бо назардошти ин ояндаи наздик дар шаҳри Тошканд форуми байналмилалии сармоягузорон доир мешавад, ки иқтисодиёти мамлакатҳои Осиёи Миёна қариб то 10 миллиард евро маблағгузорӣ карданӣ ҳастанд. Ин ҳам далолат аз он медиҳад, ки фазои сармоягузорӣ рӯ ба беҳбудӣ аст”,- гуфт Баҳром Шарипов.

Номбурда яке аз сабабҳои дигари зиёд сармоягузорӣ кардани Чинро ба иқтисоди Тоҷикистон аз муносибати хуби роҳбарони ду давлат медонад. Барои мисол, 8-уми июли соли 2012 дар ҷараёни сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Пекин, Чин ваъда дода буд, ки ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистонро то ба як миллиард мерасонад. Аз ҳамон замон инҷониб миёни ду кишвар сармоягузориҳо пайваста афзоиш меёбанд.

Ҳарчанд дар давраи пандемияи коронавирус коҳиши сармояи Чин ба назар расид, аммо дар соли 2021 алакай раванди барқароршавии воридоти сармоягузориро мушоҳида карда метавонем. Яке аз вижагиҳои ҷолиби сармоягузорони чинӣ дар он аст, ки онҳо сармоягузории мустақим ба иқтисоди Тоҷикистонро авлотар медонанд. Яъне, ширкатҳои худро таъсис медиҳанд ва ё саҳмияҳои корхонаҳои алакай дар ҳудуди кишвар мавҷудбударо мехаранд.

Шакли дигари сармоягузории Чин ба иқтисоди Тоҷикистон қарзи имтиёздор аст.

### 3
### РУСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН ЧӢ САҲМ ДОРАД?

Русия солҳои тӯлонӣ аз шарикони аслии иқтисодии Тоҷикистон буд. Ин кишвар дар бахшҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон сармоягузорӣ кардааст. Асосан сармоягузории Русия ба соҳаҳои сохтмон, алоқа, тандурустӣ, саноати сохтмон ва энергетика равона шудааст.

Русия дар Тоҷикистон тарҳҳои мухталиф, умдатан дар бахшҳои энержӣ ва маорифро амалӣ мекунад. Масалан, неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Тарҳи дигаре, ки Русия дар Тоҷикистон амалӣ мекунад, бунёду ба истифода додани мактабҳо бо забони русӣ дар панҷ шаҳри ҷумҳурӣ - Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Турсунзода мебошад. Дар ин мактабҳо омӯзгорони рус дарс медиҳанд ва барномаи таълимӣ махсус барои Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст.

Русия то соли 2014 дар сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон пешсаф буд, аммо аз соли 2015 Чин ба ин кишвар баробар шуд ва баъдан босуръат пеш гузашт.

Ба андешаи таҳлилгарон, Чин дар оянда низ сармоягузори аслии иқтисоди Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд ва эҳтимол аст, ки мавқеашро аз даст диҳад.

### 4
### ӮЗБЕКИСТОН ВОРИДИ МАЙДОН ШУД

Ҳоло дар баробари кишварҳои дигар боз Ӯзбекистон вориди майдони сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон шудааст. Бо беҳтар шудани муносибати Тоҷикистону Ӯзбекистон аз соли 2016 ин тараф, ин кишвар метавонад саҳмгузори асосӣ бошад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, соҳибкорони Ӯзбекистон дар Тоҷикистон давоми 16 сол (солҳои 2007-2023) ба иқтисоди кишвар 74,1 млн доллар сармоя ворид кардаанд. Вале Тоҷикистону Ӯзбекистон талош доранд, ки ҳаҷми молу колоро дар оянда ба 2 миллиард доллар расонанд.

Зимни вохӯрии раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Султон Раҳимзода бо вазири сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ӯзбекистон Лазиз Қудратов гуфта шуд, ки ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 дар ҷумҳурӣ 90 корхона бо ҳиссаи соҳибкорони Ӯзбекистон ба қайд гирифта шудааст. Ҷонибҳо ба ин боваранд, ки ҳаҷми тиҷорати дуҷониба дар соли гузашта ба зиёда аз 504 млн доллар расида бошад ҳам, имкону захираҳо барои зиёд намудани ин нишондод мавҷуд аст. Ин нукта дар сафари навбатии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон ва дидору мулоқоти ӯ бо ҳамтои тоҷикаш Эмомалӣ Раҳмон низ махсус таъкид гардид.

Аз ин бармеояд, ки ояндаи наздик Ӯзбекистон ҳам ба яке аз пешсафони сармоягузор ба иқтисоди Тоҷикистон табдил меёбад. Зеро аз нигоҳи транзит, иқтидору рушди босуръати саноат Ӯзбекистон бо Тоҷикистон наздиктар аст.

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**“Тоҷикистон”**



Сангар **Режими Толибон Гулбиддин Ҳикматёр, раҳбари 74-солаи Ҳизби исломии Афғонистонро ба ҳабси хонагӣ маҳкум кардааст.**

Бино ба иттилои манбаъ, ин иқдом метавонад ба интиқодҳои ахири Ҳикматёр аз Толибон, аз ҷумла Толибонро ба фурӯши ҳарими ҳавоии Афғонистон ба Амрико муттаҳам кардани ӯ бастагӣ дошта бошад. Гуфта мешавад, ки гурӯҳе аз толибони мусаллаҳ ба маҳаллаи Вазир Акбархон, ба хонае, ки Ҳикматёр дар он зиндагӣ мекунад, омаданд, хонаро муҳосира карданд ва ба касе иҷозаи вуруд ба мулоқот бо вайро намедиҳанд.



CNN **Мудири масъули Бунёди кӯдакони СММ ё ЮНИСЕФ рӯзи 17-уми апрел эълон кард, ки аз оғози даргириҳо дар Ғазза (аз 7-уми октябри соли 2023 то кунун) беш аз 13 ҳазору 800 кӯдаки фаластинӣ кушта шудаанд.**

Катерина Русселл дар нишасти хабарӣ дар Ню-Йорк гуфт, ки "ҳазорон нафар захмӣ шудаанд ва ҳазорон нафари дигар дар остонаи гуруснагӣ ҳастанд". Қаблан ниҳоди Созмони Милал барои баробарии ҷинсӣ ва тавонмандсозии занон ҳам дар баёнияи алоҳида эълон кард, ки ҳар 10 дақиқа як кӯдак дар Ғазза захмӣ ё кушта мешавад.



IRNA **Ҳасан Ҳасанзода, фармондеҳи Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ дар шаҳри Теҳрон хабар дод, ки барои назорати иҷрои муқаррароти либоспӯшии занон ниҳоди нав таъсис дода шудааст.**

Ба гуфтаи ӯ, кормандони ниҳоди тозатаъсис барои таъмини минбаъдаи иҷрои муқаррароти либоспӯшии бонувон, аз ҷумла "бо масъулияти бештар" пӯшидани ҳиҷоб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ махсус омӯзонида шудаанд.

# $ 60 МЛРД БА УКРАИНА

The New York Times

**Маҷлиси намояндагони Конгресси Амрико рӯзи 20-уми апрели соли 2024 бастаи иборат аз 95 миллиард доллар кумакҳо барои Украина, Исроил, Тайван ва дигар муттаҳидони Иёлоти Муттаҳида дар ҳавзаи уқёнусҳои Ҳинду Оромро тасдиқ кард.**



Аз ин 95 миллиард доллар 60 миллиарду 840 миллионаш барои Украина пешбинӣ гардида, аз ҷумла 23 миллиард доллараш барои харидории силоҳҳои амрикоӣ, 11 миллиардаш барои маблағгузории амалиётҳои ҳарбии Амрико дар Украина ва минтақа, аз ҷумла барои таълим додани ҳарбиёни украинӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва таҳкими ҳузури нерӯҳои Амрико дар кишварҳои чабҳаи шарқии НАТО, қариб 14 миллиарди дигар барои харидории силоҳу дигар маҳсулоти ҳарбӣ равона гардида, Амрико ҳамчунин барои кумак ба иқтисоди Украина низ 7 миллиарду 850 миллион доллар қарз ҷудо мекунад.

Баҳси бастаи ёриҳо ба Украина дар Конгресси Амрико аз поёни соли 2023 қариб 5 моҳ боз идома дошт. Ҷумҳурихоҳон дар ивази ҳимояти худ аз ин бастаи кумакҳо таҳкими марз бо Мексика барои пешгирӣ аз вуруди беисти муҳоҷирон ба Амрикоро талаб доштанд. Бисёре аз силоҳҳои ҳаётан муҳим барои идома чанг, аз ҷумла мушакҳои дифои зиддиҳавоӣ (ПВО) ва тирҳои тӯпро Украина аз Амрико дарёфт мекард ва бино ба хулосаи Пажӯҳишгоҳи мутолиоти ҷанг, қатъи ироаи кумакҳо аз ҷониби Амрико ба вазъ дар чабҳаи ҷанги Русияву Украина таъсир расонд: артиши Украина ба камбуди силоҳ дучор гардида, ба ақибнишинӣ маҷбур шуд ва Русия бо истифода аз чунин фурсат тавонист бархе нуқтаҳои аҳолинишинро ишғол кунад.

# ҒАСБИ ХОНАИ САФИРИ АФҒОНИСТОН ДАР ТОҶИКИСТОН

SPUTNIK

**Намояндагони гурӯҳи Толибон хонаи Муҳаммад Зоҳир Ағбар, сафири Афғонистон дар Тоҷикистонро дар Кобул ғасб кардаанд. Қаблан хонаи дигарашро оташ зада буданд.**



Сафири Афғонистон дар Тоҷикистон Муҳаммад Зоҳир Ағбар дар суҳбат бо Sputnik гуфт, ки Толибон (ҳаракати террористии фаъолияташ мамнӯъ дар Тоҷикистон ва соири кишварҳо – ред.) ба хонаи ӯ воқеъ дар маҳаллаи Кортаи Чаҳори шаҳри Кобул ҳамла карда, афроди маскуни онро берун оварданд ва худ мустақар шуданд.

Вай афзуд, ки ахиран 21-уми апрел намояндагони Толибон бо зӯргӯӣ ва силоҳ бошандагони хонаро пеш кардаанд.

Моҳи июни соли гузашта Толибон* дар Панҷшер хонаи семанзилаи

Муҳаммад Зоҳир Ағбар воқеъ дар рустои Рухаро оташ зада буданд.



# МИННАТДОРИИ ХОМАНАӢ БАРОИ ҲАМЛА БА ИСРОИЛ

BBC

**Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ, раҳбари Ҷумҳурии Исломии Эрон ба нерӯҳои мусаллаҳи ин кишвар барои ҳамла ба Исроил изҳори сипос кард.**

Як ҳафта пеш артиши Эрон бо бештар аз 300 мушак ва паҳпод ба Исроил зарба зад ва онро посух ба ҳамлаи маргбори Исроил ба консулгарии Эрон дар Димишқ - пойтахти Сурия номид. Хоманаӣ дар ин бора рӯзи 21-уми апрел ҳангоми мулоқот бо гурӯҳе аз фармондеҳони артиши Эрон суҳбат кардааст.

Расонаҳои давлатии Эрон рӯзи 21-уми апрел Оятуллоҳ Алии Хоманаиро нақли қавл кардаанд, ки гуфтааст: "Мавзӯи теъдоди мушакҳои шилликшуда ва ё мушакҳои ба ҳадаф исобат карда, ки тарафи муқобил бар рӯи онҳо мутамаркиз шуда, мавзӯи дасти дувум ва фаръӣ аст. Мавзӯи аслӣ зуҳури қудрату иродаи миллати Эрон ва нерӯҳои мусаллаҳ дар арсаи байналмилалӣ ва исботи он аст".

Айни замон ӯ артиши Эронро ташвиқ кардааст, ки "навоварӣ дар тасличотро идома диҳанд ва шеваҳои амалкарди душманро омӯзанд".

Артиши Эрон рӯзи 14-уми апрел бо 300 паҳпод ва мушак ба Исроил зарба зад, ки ба гуфтаи мақомоти Тел Авив бисёре аз онҳо дар ҳаво маҳв карда шуданд. Дар аз байн бурдани онҳо нерӯҳои Амрикову Фаронса, Британиё ва Урдун низ кумак кардаанд.

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ИТАЛИЯ

**(Аввалаш дар саҳ.2)**

Зимни баррасии масоили амниятӣ ҷонибҳо оид ба роҳҳои мубориза босамар бар зидди терроризм, ифротгарой ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ андешаронӣ карданд.

### Ташкили хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ

Ҳамчунин, дар ин сафари расмӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Италия Ҷорҷа Мелони мулоқот анҷом дод. Ҷонибҳо масоили густариши робитаҳоро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва амниятӣ муҳокима карданд. Ҷалби сармояи итолиёвӣ барои рушди соҳаи саноати Тоҷикистон барои ҳар ду кишвар судовар номида шуд.

Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон барои таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ ва афзоиши содироти он ба кишварҳои Аврупо имконияту захираҳо фаровон аст.

Таъсиси хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ ва робитаҳои дуҷониб дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, чудо кардани квотаҳо барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар муассисаҳои олии Италия аз мавзуъҳои дигари мулоқот буд.

Дар робита ба вазъи мураккаби сиёсии байналмилалӣ ҳамкории самарабахш дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир зарур шумурда шуд.

### Имзои 7 санади ҳамкорӣ

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмии Тоҷикистону Италия дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Италия хонум Ҷорҷия Мелони маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.

**Дар маҷмуъ аз рӯйи натиҷаҳои вохӯрии сатҳи олӣ 7 санади нав ба имзо расид:**

*- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои амниятӣ;*

*- Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкории оперативӣ дар мубориза бар зидди маводи нашъовар;*

*- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати сайёҳии Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;*

*- Барномаи ҳамкории фарҳангӣ, илмӣ ва технологӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия барои солҳои 2024-2027;*

*- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушди устувор байни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати муҳити зист ва амнияти энергетикии Ҷумҳурии Италия;*

*- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба бекор намудани талаботи раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ;*

*- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Италия барои солҳои 2024-2026.*



# ҲАМКОРӢ ДАР БАХШҲОИ МУҲИМ

Мулоқоти Қозидавлат Қоимдодов ва Ғолиб Ғулом

**23-юми апрели соли равон вохӯрии Намояндаи доимии Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар Тоҷикистон (АКДН) Қозидавлат Қоимдодов бо Ғолиб Ғулом, Роҳбари нави глобалии гурӯҳи ширкатҳои IPS (Хадамоти пешбурди саноатӣ) дар Агентии Оғоҳон оид ба рушди иқтисодӣ (АКФЕД) баргузор гардид.**

IPS имрӯз дорои портфели мустаҳкам бо афзоиши ҳаҷми сармоягузории гуногунрангии минтақаҳо ва пешрафтҳо дар муҳити зист ва фазои иқлимӣ мувофиқи талаботҳо ва танзими АКФЕД ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон дар доираи АКФЕД ширкати Индиго (Tcell), Авалин Бонки Молиявии Хурд, ширкати "Помир Энерҷӣ", Меҳмонхонаи "Серена Душанбе" ва барномаи "Акселерейт Просперити" фаъолият доранд.

Дар ҷараёни ин мулоқот ҷонибҳо ба имкониятҳои ҳамкориҳои дутарафа дар бахши иқтисодӣ, алалхусус дар бахши агросаноатӣ, коммуникатсия, корхонаҳои хурду миёна таъкид намуданд ва омодагии худро барои густариши ин ҳамкориҳо изҳор доштанд.

Зикр гардид, ки бо ташаббуси АКДН дар Тоҷикистон ва дастгирии АКФЕД дар Душанбе як барномаи IPS кушода шудааст. Имрӯз ин дафтар соҳаи иқтисодиро таҳлил дорад ва умедворем, ки таклифҳои нав дар самтҳои тараққӣ додани хоҷагии халқ пешниҳод хоҳанд кард.

Дар анҷоми вохӯрӣ тарафҳо омодагии худро барои ҳамкориҳои дутарафа изҳор намуданд.

Гулнора Ҳасанзода:

# БАХТИЁР ҲАМЕША ДАР ЁДИ ВАТАН БУД...



**21-уми апрел рӯзи вафоти коргардони маъруфи тоҷик Бахтиёр Худоназаров буд. Офарандаи шоҳкориҳое чун "Қош ба қош", "Падари моҳтобӣ", "Шик", "Танкер", «Танго» ва "Дар интизори баҳр", ки натанҳо дар синамои тоҷику рус, балки ҷаҳон эътироф гардидаанд, соли 2015 дар синни 49-солагӣ дар Олмон аз олам даргузашт. Мо бо яке аз пайвандони наздик (холадухтар)-и Бахтиёр Худойназаров Ҳасанзода Гулнора Кенҷа - вазири меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон, ки аз даврони кӯдакӣ то вопасин рӯзҳои коргардон бо ӯ робитаи наздик дошт, ҳамсуҳбат шудем.**

**- Вақте номи Бахтиёрро мешунавед, чӣ пеши назаратон меояд?**

- Мо ҳамеша аз номи Бахтиёр ифтихор мекунем. Ӯ тамоман инсони дигар буд. То имрӯз нафареро чун Бахтиёр вонахӯрдаам. Дунёи вай, нигоҳаш ба зиндагӣ, фикру андешаҳояш ҳама хоси худаш буданд. Ба касе монанд набуд, Бахтиёр! Шояд аз ҳамин сабаб филмҳояш, дар ҳар кучое намоиш медоданд, ғулғула меандохт. Зеро дар синамо ҳам пайроҳаи хосаи худашро кушода буд. Аз аввалин филмаш - "Братан" нишон дод, ки ба зиндагиву ҷаҳон диди дигар дорад. Ӯро дар тамоми дунё мешинохтанд. Дар байни филмсозони кишварҳои собиқи шӯравӣ Бахтиёр Худойназаров шинохтатарин чеҳра буд. Ӯ монанди уқоби баландпарвозе буд дар самои синамо. Ҳатто русҳо аз номи ӯ ифтихор мекунанд. Афсӯс, ки умри кӯтоҳ дид. Аммо дар зеҳни мардуми тоҷик номи Бахтиёр чун парчамбардори синамои миллӣ боқӣ хоҳад монд.

**- Аз кӯдакиҳои Бахтиёр чӣ медонед ва чӣ хотираҳо доред бо ӯ?**

- Хонаи онҳо дар маркази шаҳр, наздикиҳои Театри опера ва балети ба номи устод Айнӣ буд. Давраҳои кӯдакиву наврасӣ мо бисёр вақт ҳамроҳ будем. Хонаи модаркалон мерафтем, ҳамроҳ бозӣ мекардем. Гӯё як кӯдаки оддӣ буд, аммо аз мо як фарқ дошт. Ба атроф, ба чеҳраи одамон, ба ашё бисёр бодиққат менигарист. Бисёр хушсуҳбат буд ва то охири умр ҳамин хел хушсухан монд. Бисёр шӯхиҳои аҷиб мекард. Аммо гоҳо чунон ҷиддӣ ва эҳсосой мешуд, ки ҳайрон мемондем. Бештар дар бӯстонсарои холаам бозӣ мекардем. Дар он ҷо ду хавз буд. Бахтиёр оббозиро дӯст медошт. Аз кӯдакӣ ба ҳама чиз аҳамият медод. Аз ҷумла, ба либоси худаш. Ҳеҷ аз ёдам намеравад, ки ҳамеша бо модараш "ин либосро намепӯшам, он либос ба ман намезабад, дигарашро мепӯшам" гуфта, баҳсҳо мекард. Ӯ нозпарварди хонадон буд. Падару модар бисёр дӯсташ медоштанд, хуб тарбияташ мекарданд. Дар панҷсолагӣ пойҳояшро ҷарроҳӣ карданду духтурон гуфтанд, ки барояш оби баҳр фоида дорад.

Баъди ин қариб ҳар сол падару модар ӯро ба Сочи, ба соҳили Баҳри Сиёҳ мебурданд. Гумон мекунам, ки меҳри баҳр, меҳри об аз кӯдакӣ дар дили ӯ ҷой гирифта буд. Вай аз хурдӣ обро дӯст медошт. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки дар тамоми филмҳояш баҳр ва об аз унсурҳои асосӣ ҳастанд. Умуман тақдири Бахтиёр аз аввал аҷиб ва пур аз фоҷиа буд. Дар хаштсолагияш, вақте дар пеши хонаашон аз роҳ мегузашт, ӯро мошини боркаш зад. Чандин моҳ дар беморхона хобид. Баъд дар синфи ҳаштум хондан, дар ҳаммоми хонаашон, вақте Бахтиёр оббозӣ мекард, сӯхтор ба амал омад. Мегӯянд, ки сар то пояш дар оташ давида ба берун мебарояд. Ҳамсояхо ӯро наҷот медиҳанд. Баъди ин дурудароз табобат кард. Пайи ҷойҳои сӯхта то охир дар дастҳояш монда буд.

Ҳамчунин замони наврасӣ , медонам, ки борҳо ба Фарҳор рафта буд. Зодгоҳи падараш буд Фарҳор. Деҳоти он ҷо ва мардуми он ҷоро хуб мешинохт. Меҳр дошт ба онҳо.

**(Давомаш дар саҳ.9)**



# БАРРАСИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲО БО БОНКИ ҶАҲОНӢ

**Дар вохӯрии ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо директори Бонки Ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои бахши амалиётӣ Анна Бйерде, ки 18-уми апрел дар доираи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар шаҳри Вашингтон сурат гирифт, масъалаи маблағгузории лоиҳаҳо, пешниҳоди тавсияҳо оид ба сиёсати иқтисодӣ ва дастгирии доимии машваратӣ аз ҷониби ташкилоти молиявии мазкур мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуд.**

Ҷониби Тоҷикистон зимни мулоқ от нақши муҳими шарикони рушдро дар таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда, кумаки саривақтии Бонки Ҷаҳониро ба кишварҳои аъзо ҷиҳати устуворӣ ва мутобиқшавӣ ба таъсири омилҳои беруна муассир арзёбӣ намуд.

Зикр гардид, ки нобобаста аз вазъи мураккаб масъалаи муҳим ва асосӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин дастгирии сохтмони иншооти азим ва стратегии кишвар "Нерӯгоҳи барқи обии Роғун" мебошад. Таъкид гардид, ки маҳз ташаббуси Бонки Ҷаҳонӣ боиси таваҷҷуҳи як қатор ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба маблағгузории ин лоиҳа гардида, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша дорад, ки барои анҷом додани сохтмони зикргардида ҷалби сармояро идома диҳад. Дар робита ба ин, аз Бонки Ҷаҳонӣ ҳамчун институти молиявии бонуфуз ҷиҳати маблағгузории "НБО Роғун" даъват ба амал оварда шуд.

# ИШТИРОКИ ҲАЙАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАҲОИ БАҲОРИИ ХБА ВА БҶ

**18-уми апрели соли 2024 дар шаҳри Вашингтон ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси машваратии мамлакатҳои электорати ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ширкат намуд.**

Дар маҷлиси навбатии мамлакатҳои электорат масъалаҳои ноустувории молиявӣ дар ҷаҳон, таъмини суботи иқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ бо назардошти хатарҳои геополитикӣ, беҳтар кардани дурнамои миёнамуҳлати рушд, таъсири номуайянӣ ва хатарҳо дар пасманзари мунокишаҳои давомдор, инчунин дигар масоили муҳими аҳамияти ҷаҳонидошта мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Зимни суханронӣ роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини якуми сарвазир Холиқзода Ҳ. Ҳ. аз нақши Хазинаи байналмилалии Асъор ва гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ёдоварӣ намуда, қайд кард, ки маҷлиси машваратӣ аз лиҳози муколамаи бисёрҷониба ва омӯзиши таҷрибаи шарикии кишварҳои электорат ба ҳимояи манфиатҳои кишварҳои аъзо мусоидат намуда, ба сифат ва қабули фаврии қарорҳои муҳим барои кишварҳои аъзои Гурӯҳ таъсири мусбат мерасонад.

Вазъи кунунии мураккаби геополитикӣ ба рушди иқтисодии кишварҳои минтақа, муносибатҳои байналмилалии тиҷоратӣ, бозорҳои молиявию ашёи хом дар ҷаҳон бетаъсир буда наметавонад. Бо назардошти сатҳи баланди номуайянӣ, роҳҳои нави таъмини устувории иқтисодиёт дар давраи ҷорӣ ва миёнамуҳлат пайдо карда шуда, аз ҷалби маблағҳои ХБА дар доираи воситаҳои маблағгузорӣ бояд истифода бурда шавад.

- Бахшҳои молиявии Минтақаи Осиёи Марказӣ дар нигоҳ доштани сиёсатҳое, ки ба ҳифзи иқлим дар минтақа нигаронида шудаанд, нақши муҳим доранд. Бо назардошти он, ки воситаҳои қарздиҳии ХБА барои қонеъ кардани ниёзҳои тағйирёбандаи кишварҳо пайваста такмил дода мешаванд, дастгирии ХБА дар таъмини маблағгузории дарозмуддати дастрас барои тағйирёбии иқлим ва таъмини рушди устувор мувофиқи мақсад шуморида мешавад,- қайд намуд зимни маърӯза Холиқзода Ҳ. Ҳ.

Дар қисмати хотимавӣ Холиқзода Ҳ. Ҳ. аҳли нишастро ба ҷаласаи Гурӯҳи электорати ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ, ки аз 1 то 3-юми июли соли равон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, даъват намуд.







# МАШВАРАТИ МУДИРОНИ ХБА АЗ КИШВАРҲОИ ШАРҚИ НАЗДИК ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**17-уми апрели соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс дар ҳошияи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар шаҳри Вашингтони ИМА дар машварати нисфирӯзии мудирони ХБА аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ширкат варзид.**

Дар раванди ҳамоиши мазкур ба мудирони ХБА аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ шарҳи вазъи монетарии минтақа манзур карда шуд.

Дар идома аҳли нишасти машварати нисфирӯзӣ ба саволҳои рӯзномаи чорабинӣ, аз қабили маблағгузории лоиҳаҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим, омода кардани бахшҳои молиявӣ баояндаи сабз, стратегияҳои баланд бардоштани омодагӣ ва устувории бахшҳои молиявӣ ҷиҳати расидан ба потенсиали маблағгузории хусусии иқлим ва нақши мақомоти директивӣ дар коҳиш додани хатарҳои марбут ба иқлим дар бахшҳои молиявӣ ва рушди бозорҳои дохилии сармояро муҳокима намуда, ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои номбаршуда фикру андешаҳои худро баён карданд.

# СИЛСИЛАДАРСҲОИ МАҲОРАТ ОИД БА РУШДИ ИҚТИСОДИ "САБЗ"





**23-юми апрели соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон барои намояндагони бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон даври нахустини омӯзиши дарсҳои маҳорат (мастер-класс) оид ба хавфҳои иқлимӣ дар як вақт аз рӯи барномаи "Амалияи иқлимӣ ва банақшагирии давраи иқлим" оғоз гардид.**

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир зимни пазироии иштирокдорони семинар изҳор дошт, ки ҳамгироии бахшҳои иқлимӣ ва экологӣ ба низомҳои молиявӣ як қисми асосии саҳми БМТ дар татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037 ба ҳисоб меравад ва ин масъала дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" дар назди низоми бонкии кишвар гузошта шуда буд.

Зикр гардид, ки чорабинии мазкур тибқи Ёддошти тафоҳуме, ки миёни БМТ ва БАТР моҳи сентябри соли 2023 ба имзо расид, гузаронида шуда, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ҳамчун шарики боэътимоди Бонки миллии Тоҷикистон на танҳо дар самти ривоҷи иқтисоди сабз, балки дар дигар бахшҳои муҳим, аз қабили рушди устувори экология, сиёсати иҷтимоӣ, идоракунии корпоративӣ ва сармоягузорӣ, рушди соҳибкории занон ҳамкорӣ намуда истодааст.

Дар навбати худ, роҳбари намояндагии БАТР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Холгер Вифел қайд намуд, ки силсиладарсҳои маҳорат барои доираи васеи намояндагони бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Тоҷикистон нахустин кишвари Осиёи Марказӣ мебошад, ки БАТР ин барномаро дар он роҳандозӣ менамояд. Дар доираи барномаи мазкур иштирокдорон метавонанд маълумоту малакаи навро доир ба ошкор ва идора кардани хавфҳои марбут ба иқлим, стратегияи иқлим ва идорасозӣ, таҳияи нишондиҳандаҳою ҳадафҳо, инчунин ифшои иттилоот ба даст оранд.

Маврид ба ёдоварист, ки барнома бо дарназардошти сиёсати БАТР доир ба мутобиқат ба Созишномаи Париж таҳия шуда, ҳадафи он дастгирӣ ва кумак ба мақомоти танзимкунанда ва ниҳодҳои молиявӣ дар самти сабзгардонии бахш ва амалиётҳо мебошад.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# ҚАРЗДОРОНИ МИЛЛИОНЕР

## Кумитаи андоз онҳоро номбар кард



**Қарзи андоз дар Тоҷикистон ба ҳолати 1-уми апрели соли 2024 ба 724 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба аввали соли 2024-ум 76,4 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин бора Кумитаи андози Тоҷикистон хабар медиҳад.**

Рақами зикршуда қарзҳои ҶСК "НБО Сангтӯда-1"-ро, ки қарзаш 186,6 млн сомониро ташкил медиҳад, дар бар намегирад.

**Ба гуфтаи ин ниҳод, бештар аз ҳама ширкату корхонаҳои зерин аз андоз қарздор будаанд:**

- *ҶДММ "Талко Ресурс" - 75,4 млн сомонӣ;*
- *ҶСК "Шабакаҳои тақсимоти барқ" - 57,3 млн сомонӣ;*
- *ҶСК "Тоҷиктелеком" ва корхонаҳои тобеи он - 38,8 млн сомонӣ;*
- *ҶДММ ТА КМ "Анзоб" - 41,1 млн сомонӣ;*
- *КФ "Кони ангишти Зиддӣ" - 15,5 млн сомонӣ;*
- *ҶСК "Алюминсохтмон" - 20,2 млн сомонӣ;*
- *ҶСК "НБО "Роғун" - 9,5 млн сомонӣ;*
- *Агентии захираҳои моддии давлатӣ - 9,5 млн сомонӣ;*
- *ҶСК "Ангишт" - 9,3 млн сомонӣ;*
- *КТ "Авесто" - 7,8 млн сомонӣ;*
- *ҶСК "Авитсенна" - 7,7 млн сомонӣ;*
- *КВД Коммуналии "Хизматрасонии нақлиётии санитарӣ" - 7,3 млн сомонӣ;*
- *ҶСП "Таҷҳизоти аср" - 5,6 млн сомонӣ.*

"Дар маҷмуъ, қарзи ин субъектҳо бештар аз 42,1 фоизи маблағи умумии бақияпулиҳои дар ин давра бавуҷудомадаро ташкил дода, нисбат ба аввали соли 2024-ум 107,7 млн сомонӣ зиёд гардидаанд",- хабар медиҳанд аз Кумита.

Нозим Меликзода, муовини раиси Кумитаи андози Тоҷикистон рӯзи 2-юми ноябри соли гузашта дар парлумони Тоҷикистон гуфта буд, ки "сабаби таъмин нагардидани иҷрои нақша аз ҳисоби субъектҳои номбурда чун солҳои қаблӣ ба таъмин нашудани иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои ин корхонаҳо, нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ, бо фоидаи ночиз ҷамъбаст намудани фаъолият ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад".

Кумитаи андоз гуфтааст, ки дар се моҳи соли равон 266,1 млн сомонӣ қарзи андозро баргардонидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 100,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ин ниҳод гуфтааст, ки дар ин давра нақшаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет 105,9 дарсад иҷро гардида, ба ҷойи 4 млрд 532,9 млн сомонӣ ба буҷети давлатӣ 4 млрд 802,4 млн сомонӣ маблағ ворид гардид.

**Д. ҚОДИРПУР**

**Додугирифти Тоҷикистону Ӯзбекистон тайи 7 соли охир 40 баробар афзоиш ёфта, роҳбарияти ду кишвар расонидани гардиши коло ба 2 млрд долларро имконпазир медонанд. Ба ин Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар музокирот бо ҳамтои ӯзбекаш Шавкат Мирзиёев ишорат кард. Гуфта шуд, ки ҳоло дар қаламрави ду кишвар қариб 400 корхонаи муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон фаъолият менамоянд. Маврид ба зикр аст, ки бештар аз 300 корхона дар Ӯзбекистон бо сармояи тоҷикӣ фаъолият доранд.**






# РУХСАТНОМА БАРҲАМ МЕХӮРАД

**Гузариши транзитии воситаҳои нақлиёти боркаш тавассути қаламрави Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бе рухсатнома амалӣ хоҳад шуд.**

Дар ин бора Вазорати нақлиёти Тоҷикистон иттилоъ дода, афзудааст, ки протоколи тағйироти дахлдор ба созишнома бо Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ имзо шуд.

Мувофиқи протоколи имзошуда, гузариши транзитии воситаҳои нақлиёти боркаш тавассути қаламрави ҳарду давлат бе рухсатнома амалӣ карда хоҳад шуд.

Низоми нав баъди тасвиби протокол аз ҷониби ҳарду давлат мавриди амал қарор мегирад.

Мутобиқи созишномаи ҳукуматҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ, ки соли 2018 ба имзо расида буд, ҳангоми интиқоли мунтазам ва ғайримунтазами мусофирон ва борҳо байни ду кишвар, аз ҷумла тавассути транзит аз қаламрави онҳо, рухсатнома талаб карда мешуд.

Сухан дар бораи ҳуҷҷате меравад, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлат дода мешавад ва он ба истифодаи воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки дар қаламрави давлати дигар ба қайд гирифта шудааст, барои иҷрои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ҳуқуқ медиҳад.

Ба иттилои Вазорати нақлиёт, айни замон ҳамлу нақли бор миёни Тоҷикистон, баъзе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия, аз ҷумла бо транзит тавассути қаламрави онҳо бидуни рухсатномa амалӣ карда мешавад, ки ин имкон медиҳад вақти интиқол ва хатари осебёбии борҳо хеле коҳиш ёбад.

**РӮЗИ 16-УМИ АПРЕЛ ДАР ТОЛОРИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БО ИШТИРОКИ РАИСИ ВИЛОЯТ ДАВЛАТАЛӢ САИД ҶАЛАСАИ ҶАМЪБАСТИИ НАТИҶАҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТ ДАР СЕ МОҲИ АВВАЛИ СОЛИ 2024 ДОИР ГАРДИД.**



*Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон*

# ПЕШРАВИҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА АФЗОИШИ РУШДИ МИНТАҚАВӢ

Дар маҷлиси ҷамъбастӣ муовини якум, муовинони раиси вилоят, роҳбари дастгоҳ, раёсату шуъбаҳои мақомот, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раисони шаҳру ноҳияҳо, раисони ҷамоати шаҳраку деҳот, қисман роҳбарони ташкилоту муассисаҳои шаҳру ноҳияҳо, сарҳатибон ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи ҷамъбастӣ муовини раиси вилоят Файзуллозода Заробиддин оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар давраи семоҳаи аввали соли ҷорӣ баромад намуда, иброз дошт, ки дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба иҷрои сарикватҳи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» иброз гардидаанд ва карору супоришҳои Ҳукумати кишвар вобаста ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят нигаронида шуд.

Ҳамзамон муовини раиси вилоят зимни баромади хеш қайд кард, ки нишондиҳандаҳои кӯтоҳмуҳлати рушди минтақавии вилоят дар 3 моҳи соли 2024 ба 5 млрд 378 млн сомонӣ расида, суръати афзоиши он нисбат ба соли гузашта 108,1%-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи вилоят дар нишондиҳандаҳои кӯтоҳмуҳлати рушди минтақавии ҷумҳурӣ 20,2%-ро ташкил медиҳад.

Нақшаи андозҳо бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 102,5% таъмин гардида, ба буҷет 649,9 млн сомонӣ маблағ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 15,9 млн сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 107,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи андозҳо 102,1% таъмин гардида, 547,5 млн сомонӣ маблағ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 11,4 млн сомонӣ зиёд аст.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо назардошти маблағҳои мақсаднок аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 101% таъмин шуда, ба буҷет 802,3 млн сомонӣ маблағ ворид гардидааст.





Иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби андозу пардохтҳои маҳаллӣ 102% иҷро гашта, ба буҷет 547,8 млн сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 11,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Маблағҳои мақсаднок аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 244 млн 789,5 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст (100 %).

Ба соҳаҳои буҷетии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо 764,4 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шуда, 691,6 млн сомонӣ, ё ин ки 90,5%-и маблағҳои буҷетӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Инчунин, маблағҳои гузаронидашуда ба фонди муътадилгардонӣ ва иншооти муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5,3 млн сомонӣ аз ҳисоби буҷети шаҳру ноҳияҳои вилоят равона карда шудааст.

Дар 2 моҳи соли 2024 бонкҳои вилоят ба соҳаҳои иқтисодӣ 788 млн 29,0 ҳазор сомонӣ қарзҳои бонкӣ равона намудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 154 млн 753 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад (124,4%).

Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағи умумӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ 226,7 млн сомонӣ (28,7%), саноат 32,8 млн сомонӣ (4,2%), сохтмон 25,0 млн сомонӣ (3,2%), нақлиёт 6,2 млн сомонӣ (0,8%), хӯроки ҷамъиятӣ 689,2 ҳазор сомонӣ (0,1%), хизматрасонӣ 55,5 млн (7,0%), савдои хориҷӣ 64,9 млн (8,2%), истеъмолот 362,4 млн (46%) ва дигар соҳаҳо 13,9 млн сомонӣ (1,8%) равона карда шудааст.

Дар 3 моҳи соли 2024 гардиши мол ба 4 млрд 120,6 млн сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 130 фоизро ташкил дода, 949,9 млн сомонӣ зиёд ва гардиши савдои хориҷӣ 120,6 млн доллари амрикоиро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 125,1% ё 24,2 млн доллар зиёд мебошад.

Содироти мол ба 66,2 млн доллар расида, нисбат ба соли 2023-юм 182,7% ё 30 млн доллар зиёд мебошад.

Воридоти мол ба вилоят 54,4 млн долларро ташкил додааст. Дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 татбиқи 368 лоиҳа ба маблағи 8,5 млрд сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Тибқи натиҷаи мониторинги иҷро ҳамагӣ 159 лоиҳа ба маблағи 4,5 млрд сомонӣ иҷро гардидааст, ки аз ҳаҷми маблағҳои пешбинишуда 54,2% мебошад. Ҳамчунин, дар 88 лоиҳа корҳо идома дошта, аз ҳисоби иҷрои лоиҳаҳо 43,2 фоизро дар бар мегирад.

Кишоварзони вилоят дар ин давра ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзиро ба 1 млрд 367 млн сомонӣ расонидаанд, ки афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 106,0 фоиз, аз ҷумла дар бахши растанипарварӣ 110,7 фоиз ва дар бахши чорводорӣ 105,8 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2024 дар бахшҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонии вилоят дар майдони 182737 гектар кишти зироатҳо гузаронида, иҷрои дурнамо 59,3 фоиз таъмин карда шудааст. Аз ҷумла, дар майдони 122711 гектар ғалладонагиҳо якҷоя бо тирамоҳӣ, 23327 гектар зироатҳои техникӣ, аз он 16338 гектар пахта, 17277 гектар сабзавот, 5783 гектар картошка, 6651 гектар полезӣ ва 5338 гектар зироатҳои хӯроки чорво кишт карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят ба маблағи 2 миллиарду 539 миллиону 722 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 162,8 млн сомонӣ ё 105,8 % зиёд таъмин шудааст, ки аз ин дар корхонаҳои саноатӣ 1,427 млрд ё 56,2 %, дар соҳаи барқ 1,100 млрд ё 43,3% ва соҳаи обтаъминкунӣ 12,0 млн сомонӣ ё 0,5% рост меояд.

Дар давраи ҳисоботӣ 16 корхона ва як коргоҳ бо 196 ҷои кории доимӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён (4), Ховалинг (3), Левакант (3), Восеъ (2), Муминобод (1), Хуросон (1), Данғара (1) ва Бохтар - 1-ададӣ ба истифода дода шудааст, ки дар онҳо ба 9,5 млн сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст.

Дар соҳаи нақлиёту боркашонӣ ба 8,3 миллион тонна (суръати афзоиш 112,4%) ва ҳаҷми мусофиркашонӣ ба 35,7 миллион нафар (120%) баробар гардида, нисбат ба соли 2023 ҳаҷми боркашонӣ 924,2 ҳазор тонна ва ҳаҷми мусофиркашонӣ бошад, 5,9 млн нафар зиёд мебошад.

Дар микёси вилоят дар умум ба масофаи 450 километр роҳҳо ба маблағи умумии 24,1 миллион сомонӣ таъмиру азнавсозии роҳҳо гузаронида шудааст.

Дар ин давра 357 адад биною иншоот ба маблағи 493,3 млн сомонӣ ба ҳисоботҳои оморӣ ворид гардидааст. Аз ҷумла, дар 23 мактаб 281 синфхона барои 6641 ҷойи хониш, 2 адад муассисаи томактабӣ барои 72 ҷой, 4 адад бунгоҳи тиббӣ барои қабули 70 нафар беморон дар як баст мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҷиҳати иҷрои нақшаи иншооти ҷашнӣ, тибқи маълумотҳои оморӣ, дар вилоят 2762 адад биною иншоот ба маблағи умумии 2,6 млрд сомонӣ мавриди истифода қарор дода шудааст, ки 44,1 фоизи нақшаи умумиро ташкил медиҳад.

Давоми солҳои 2023-2024 дар маҷмуъ 21 иншооти соҳаи маориф иборат аз 122 синфхона барои 3050 ҷойи нишаст дар як баст (дар ду баст 6100) мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Лозим ба зикр аст, ки айни замон дар 189 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сохтмони иншооти соҳаи маорифи вилояти Хатлон, иборат аз 1303 синфхона барои 31272 ҷойи нишаст идома дорад.

Тибқи маълумотҳои масъулони шаҳру ноҳияҳо ба вилояти Хатлон дар се моҳи соли 2024 дар умум 73605 нафар сайёҳони дохилию хориҷӣ ташриф овардаанд, ки аз ин 66402 нафарашон сайёҳони дохилӣ ва 7203 нафарашон сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

Дар ин давра варзишгарони вилоят дар 22 мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат варзида, сазовори 149 медали тилло, 122 медали нуқра, 181 медали биринҷӣ, ҳамагӣ 452 медал гардидаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2023-юм 13 медал зиёд мебошад.

Раиси вилоят Давлаталӣ Саид баъд аз баромади Файзуллозода Заробиддин оид ба бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар самти иҷрои сарикватҳи андоз, фаъолияти дурусти минтақаҳои озод, иҷрои сарикватҳи кишти пахта, картошка ва дигар зироатҳо, шинонидани дарахтони ҳамешасабз дар шоҳроҳҳо, фаъол намудани корхонаҳои саноатӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ ва ба ин васила таъмин намудани аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ, беҳтар намудани шароити омӯзгорон, ҷалби бештари сайёҳон ба вилоят, пешгирии зиёдшавии ҳар гуна бемориҳо, пешгирии таксимоти ғайриқонунии замин, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб, роҳ надодан ба зиёдаравиҳо дар аёми иду маросимҳо ва инчунин оид ба тозаву озода нигоҳ доштани шаҳрҳои вилоят, фаъолона иштирок намудани хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва оид ба дигар камбудиҳои ҷойдошта ба масъулин дастуру супоришҳои қатъӣ дод.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

## Гулнора Ҳасанзода:

# БАХТИЁР ҲАМЕША ДАР ЁДИ ВАТАН БУД...

**(Аввалаш дар саҳ.5)**



Беҳуда нест, деҳае, ки воқеаҳои филми машҳури вай, “Падари маҳтобӣ” дар деҳае бо номи Фархор мегузаранд. Агарчи худи филм дар шаҳри Чкаловск (ҳозира Бӯстони вилояти Суғд) рӯи навор омадааст.

**- Умуман, Бахтиёрро чӣ ва ё кӣ ба синамо овард?**

- Не, ба синамо рӯй овардани Бахтиёр тасодуфӣ набуд. Хеле барвақт, ҳанӯз аз синфҳои шашум ё ҳафтум хонданаш пеши худ мақсад гузошта буд, ки ҳатман режиссёр мешавад. Аммо дар аввал падару модараш ба ин фикри вай зид буданд. “Дар оилаи мо ягон нафар артист нест, ту чаро ба ин роҳ меравӣ?” мегуфтанд. Ман борҳо шоҳиди ин гуна баҳсҳо будам. Дар авлоди мо касе ба ҷодаи ҳунар нарафта буд. Падари Бахтиёр ҳам ҳуқуқшинос буд. Модараш духтур. Аммо Бахтиёр аз оғоз инсони ҷиддӣ буд ва дар тасмимҳояш собит. Ӯро аз роҳ гардонидан имкон надошт. Холаам, модари Бахтиёр, ҳатто гиряву зорӣ карда буданд, ки ҳамин ҷо, ба факултаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шавад, аммо қабул накард. Баъд рафт ба Маскав, ба ВГИК, ба Институти давлатии умумииттифоқии кинематография дохил шуд. Ман ҳамин қадар медонам, ки замони мактабхонӣ бисёр ба назди Давлат Худоназаров мерафт. Ба кино, ба санъати кино таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд дошт.

Боз чизи дигар ҳам ҳаст, ки Бахтиёр аз хурдсолӣ қиссаву афсонаҳои мардумиро бисёр дӯст медошт. Модари ман дар қиссагӯӣ мумтоз буд, гоҳо дар назди хешу табор ҳар гуна қиссаҳои ҷолиб нақл мекард. Бахтиёр афсонаҳои модарамро дӯст медошт. Борҳо дар наврасӣ ба хонаамон маҳз барои қисса шунидан аз модарам меомад. Модарам нақл мекарду ӯ дар як гӯша нишаста, мижжа назада ба як нуқта нигоҳ карда меистод. Шояд ҳамон лаҳзаҳо образҳои қиссаро пеши чашм таҷассум мекард... Баъдҳо ҳини таҳсил дар Маскав ҳам борҳо аз модарам хоста буд, ки ҳамон қиссаҳояшро навишта фиристад, барои филмҳояш лозим мешаванд. Аммо модарам нанавишт.

**- Бахтиёр тоҷик буд, аммо худро фарзанди сайёра медонист, яъне Ватанро танҳо дар ҷуғрофияи Тоҷикистон маҳдуд намедонист. Шумо дар ин маврид чӣ назар доред?**

- Воқеан, барои Бахтиёр миллату нажоди инсонҳо аҳамият надошт. Ба ҳислату ботини одамҳо бештар аҳамият медод. Барои ӯ муҳим инсоният буд. Нигоҳ кунед, дар филмҳояш гоҳо нақши як тоҷикро ҳунарманди хориҷӣ меофарад. Ва чӣ зебо ҳам бозӣ мекунад. Шояд бо ин Бахтиёр гуфтан мехост, ки ҳамаи инсонҳо яканд, аз рӯи миллату нажод фарқи чандоне надоранд. Аз наврасӣ ҳамин хел буд. Ягон вақт тоҷику ӯзбеку рус гуфта, бачаҳоро ҷудо намекард. Баъдтар аз миёни қариб аксари миллатҳои дунё дӯстони зиёд дошт. Миёни русҳо, махсусан, маҳбубияташ беандоза буд. Нигоҳи Бахтиёр ба миллату нажод ҳамон нигоҳи классикони мо буд, чун Саъдӣ, ки гуфта: “Бани одам аъзои якдигаранд”...

Аммо Ватанро дӯст медошт. Бо ёди Ватан зинда буд. Ягон вақт аз Тоҷикистон канда набуд. Агарчи дар хориҷ аз кишвар мезист, ёди Тоҷикистон бо ӯ буд. То охирон нафас мегуфт, ки ман Тоҷикистон меравам.

**- Дунёи шахсии Бахтиёр, андешаҳояш, оила барпо накардан, фидоии синамо будан барои шумо қобили қабул буд ё на?**

- Бахтиёр дар дунёи синамо мезист. Меҳвари зиндагии Бахтиёр синамо буд. Ва зиндагияш як зиндагии хоса. На дар зиндагӣ, на дар синамо, на дар гуфтору рафтор ба касе монанд набуд. Модараш ҳамеша Бахтиёрро хуб қабул мекард. Аз чунин фарзанд ифтихор дошт. Бале, Бахтиёр чанд бор оиладор шуд. Аммо медонед, чӣ... Чанд ҳафта пеш аз вафоташ, вақте ман ба дидорбинӣ ба Берлин рафтам, Ирина Рязанова канораш буд. Баъд Чулпан Хаматоваву дигарон ҳам хабаргирияш рафтанд. Яъне ҳамсарҳояш ҳатто баъд аз ҷудо шудан ба ӯ меҳри беандоза доштанд. Муносибати хуб доштанд. Бахтиёрро ҳама дӯст медошт. Вай аз як дунёи дигар буд. Афсӯс, ки аз худ фарзанд боқӣ нагузошт, аммо корҳояш, шоҳкорҳояш дар синамо фарзандони ӯянд, ки номашро то абад ҷовид нигоҳ медоранд.

Ӯ инсоне бо дили бузург буд, ки дар ин зиндагӣ танҳо зебоиро медид. Ӯ дӯсти бузурги ман буд, ҳама чизи офаридааш бузургона буд. Бахтиёр то панҷоҳсолагӣ нарасид, аммо дар ин муддат ин қадар корҳоеро тавонист анҷом бидиҳад, ки на ҳар нафар аз уҳдаи он мебарояд.

**- Шумо дар мавриди Бахтиёри бачаҳолаатон неву дар мавриди Бахтиёр Худойназарови коргардон, ки дар тамоми дунё қариб маҳбубият дорад, чӣ медонед?**

- Бахтиёр коргардони навовару нотакрор буд. Вақте Бахтиёр Худойназаров даргузашт, хабари марги ӯ доғтарин хабари ҳафта дар матбуоти русиву тоҷикӣ ва умуман минтақа буд. Худи ҳамин гувоҳи бузургии Бахтиёр аст. Расонаҳои русӣ Бахтиёрро коргардони рус муаррифӣ карда, ба ин мазмун менавиштанд, ки ӯ парчамбардори синамои кишварашон дар оғози асри бистуякум буд.

Дар хотир дорам, ки Владимир Мединский, вазири фарҳанги Русия чунин навишта буд: «Коргардон Бахтиёр Худойназаров аз олам даргузашт. Вай на он қадар зиёд филмбардорӣ кард, вале ҳамаи филмҳояш дорои ҷоизаҳои баланд ҳастанд, чунки самимона ва инсонпарварона сохта шудаанд. Боиси андуҳ ба беадолатист, ки чунин одамони болаёқатро, ки корҳои зиёдеро метавонистанд анҷом диҳанд, аз даст медиҳем».

Тамоми матбуоти Тоҷикистон ҳам даргузашти Бахтиёрро талафоти сангине ба синамои миллӣ унвон карданд. Бахтиёр Худойназаров коргардони нотакрор буд. Филмҳои ӯ ҳеҷ гоҳ ҷаззобияти худро гум намекунанд.

**- Дӯстони аз ҳама наздики ӯ киҳо буданд, бо киҳо бештар рози дил мегуфт? Умуман, ҳаст чунин як шахсе, ки дар бораи Бахтиёр аз дигарон дида бештар донад?**

- Дӯсти аз ҳама наздиктаринаш дар зиндагӣ модараш буд. Вай дар ҳамаи масъалаҳо бо модараш маслиҳат мекард. Баъд бо падару дигар пайвандон. Дар лаҳзаҳои охири умр ҳам ҳамеша модар канораш буд. Модарашро беандоза дӯст медошт. Модарашро мепарастид! Тамоми ҳарфҳои дилашро ба модар мегуфт! Ва маҳз модараш Бахтиёрро аз ҳама беҳтар ва бештар мешиносад.

**- Бахтиёр Худойназаров ҳамчун шахсият, ҳамчун як фарди ҷомеа чӣ мақому манзалате дошт аз нигоҳи шумо?**

- Ҷойгоҳи Бахтиёр ҳамчун як фарзанди сарбаланду номвари кишвар дақиқ аст. Бахтиёр номи Тоҷикистонро, фарҳангу ҳунари Тоҷикистонро ба тамоми оламиён шинос кард. Ному ёди чунин мардон ҷовидонист! Ман ифтихор мекунам аз номи Бахтиёр Худойназаров!

**- Бахтиёр Худойназаров ҳамчун инсон чӣ вижагиҳое дошт, сифатҳои танҳо хоси ӯ дар мисоли шӯх, ҳалим, дурушт, бадқаҳр, ҷиддӣ ва монанди ин чизҳо?**

- Бахтиёр ҳеҷ вақт дурӯғ намегуфт. Ҳар мақсадеро, ки пеши худ мегузошт, то анҷом аз паси он мерафт. Ба зиндагӣ, ба инсонҳо, ба табиат муҳаббати беандоза дошт. Ба касе бадӣ намехост. Дар як дунёи афсона мезист. Карру фар ва худнамоишдиҳиро намеписандид.

Вақте ба Олмон, ба дидорбинияш рафтам, манзилашро дидам. Хонааш бисёр оддӣ буд, таъмираш ҳам. Борҳо дар мусоҳибаҳояш ҳам гуфта, ки ман таъмири олиро дӯст намедорам. Аммо ҳама чиз бисёр батартиб. Марди озода буд. Марди зиндадил буд. Мурдан дар гӯшаи хаёлаш набуд.

Як ҳафта пеш аз вафоташ, вақте ман ба беморхона диданаш рафтам, гуфт, ки ман ба Тоҷикистон меравам. Ҳайрон шудам. Инро дар танҳоӣ ба ман гуфт. Баъд вақте ки сафири вақти Тоҷикистон дар Олмон Маликшо Неъматов ба дидорбинӣ омад, боз дар ҳамин бора ҳарф зад. Ба сафир гуфт, ки “ба ман кумак мекунӣ, ки равам ба Душанбе ва ҳамон ҷо филме ба навор гирам?”. Маликшо гуфт, ки “ту ба по хез, шуд, ман худам туро ба Душанбе мебарам”. Умуман, бовар дошт, ки сиҳат мешавад. Моро ҳам бовар мекунонд...

**- Агар Бахтиёр имрӯз бо мо мебуд...**

- Вақте ман ба Берлин омадам, Бахтиёр як рӯз дар беморхона буд. Баъд хонааш овардем. Вақти аз беморхона ба хона омадан аз оинаи мошин ба ман ҳама ҷоро нишон медод. Чун ба хона расидем, гуфт, ки ту ба ман аз мағоза қаламу коғаз оварда метавонӣ? Модараш гуфт, ки «ба ту чӣ лозим ҳамон ручкаву фаламастер?». Бахтиёр хандида, гуфт: “Даркор аст, охир”. Дар варақе навишт, ки чӣ гуна қаламу коғаз биёрам. Пурсидам, ки “ягон чӣ барои хӯрдан ҳам биёрам?”. Гуфт, ки “майлаш, питсо биёр”. Рафтам, питсо наёфтам ва аз тарабхонаи ҷопонӣ биринчу моҳӣ гирифтам. Вақте омадаму бастаҳоро мекушодам, аз ҷой нимхез шуд ва пурсид, ки “ош пухта истодаед?”. Ман гуфтам: “Дилат ош мехоҳад? Майлаш, ман ҳозир ош мепазам”. Бахтиёр хандид: “Не, напаз, ман фақат гуфтанӣ будам, ки ба димоғи ман бӯи ош расид... Намехӯрам, напаз, фақат гуфтанӣ будам, ки бӯи ош омад”.

Ин воқеа ҳеҷ гоҳ аз ёдам намеравад. То ҳозир пушаймонам, ки чаро ҳамон ҷо, ба не гуфтанаш нигоҳ накарда, ош напухтам. Кош мепухтам...

Бубинед, Бахтиёр ҳатто дар бистари марг қаламу коғаз дар даст дошт. Мехост ба Тоҷикистон биёяд, дар кишвараш филмҳо ба навор гирад. Шоҳкорҳо кунад. Дилаш пур аз умеду орзуҳо буд. Аммо умр вафо накард. Ҳазорон орзуи амалинашудаашро бо худ ба хок бурд. Аммо, ба ҳар сурат, ному ёди Бахтиёр ҷовидонист. Филмҳои “Братан”, “Қош ба қош”, “Падари маҳтобӣ”, “Дар интизори баҳр” номи Бахтиёр Худойназаровро ҷовид хоҳанд кард...

**Мусоҳиб:**
**Маъруф САФОӢ**

ФУТЗАЛ

# ТОҶИКИСТОН БА ДАВРИ НИМНИҲОИИ ҶОМИ ОСИЁ-2024 ВА ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН-2024 РОҲ ЁФТ

**Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов дар гурӯҳи «С» мақоми якумро касб карда, ба даври чорякниҳоии Ҷоми Осиё-2024 дар Бангкок роҳ ёфт ва дар ин давр бар Афғонистон пирӯз шуда, ба Чемпионати ҷаҳон-2024 роҳхат гирифт.**



Футзалбозони Тоҷикистон дар бозии якум бар Куриёи Ҷанубӣ бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуданд. Дар бозии дуюм шогирдони Пайрав Воҳидов бо дастаи Қирғизистон 2:2 карданд. Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар даври ниҳоии марҳилаи гурӯҳии Ҷоми Осиё-2024 бо қаҳрамони феълии Осиё, тими Ҷопон (1:1) мусовӣ кард ва бо 5 имтиёз аз зинаи якум ба даври чорякниҳоӣ роҳ ёфт. Аз ин гурӯҳ Қирғизистон низ бо 5 имтиёз аз зинаи дуюм ба даври дигар рафт. Ҷопону Куриё мусобиқаро тарк карданд.

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар даври чорякниҳоии Ҷоми Осиё-2024 бо дастаи Афғонистон бозӣ кард. Дар ин бозӣ шогирдони Воҳидов бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуданд ва ба даври нимниҳоии ин мусобиқа роҳ ёфтанд. Футзалбозони тоҷик бо ин натиҷа аввалин бор ба Ҷоми ҷаҳон-2024, ки имсол дар Ӯзбекистон баргузор мешавад, роҳхат гирифтанд.

ҶУДО

# СЕ НИШОНИ БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

**Паҳлавонони Тоҷикистон дар Чемпионати ҷудои Осиё дар шаҳри Ҳонгконги Чин се нишони биринҷӣ ба даст оварданд.**



Нишони аввали биринҷиро паҳлавони маъруфи кишвар Сомон Маҳмадбеков ба даст овард. Сомон Маҳмадбеков дар вазни 81 кг нахуст бар Согайр Салике аз Чин пирӯз шуд ва дар чорякфинал аз ҷудокори ӯзбек Шарафиддин Болтабоев шикаст хӯрд. Сипас, дар даври тасаллибахш барои медали биринҷӣ бар Асад Масабирови қирғиз ва Ҷубаназар Абулайхони қазоқ пирӯз шуд.

Нишони дуюмро Ҷаҳонгир Маҷидов ба гардан овехт. Маҷидов дар вазни 100 кило бар намояндаи Тайбеи Чин Шен-Кай Лин пирӯз шуда, дар даври ҷаҳорякниҳоӣ аз варзишгари Муғулистон Гончигсурэн Батуяг шикаст хӯрд. Сипас, дар даври тасаллибахш бар Сингх Автари ҳиндӣ ва дар мубориза барои ҷойи сеюм бар Нурлихон Шерхони қазоқ пирӯз шуд.

Темур Раҳимов (+100 кг) майдондориро аз чорякфинал оғоз карда, намояндаи Индонезия Даму Варданаро шикаст дод ва дар даври ниманиҳоӣ аз варзишгари ҷопонӣ Хёге Ота шикаст хӯрд. Сипас, ҷои сеюмро аз намояндаи Баҳрайн Азамат Чотчаев гирифт.

Дигар намояндаҳои Тоҷикистон ноком шуданд ва чанде дигар, аз қабили Меҳрзод Суфиев, Беҳрӯзи Хоҷазода, Шодмон Ризоев ва Ахлия Муминова ба далели мушкили обуҳаво дар фурудгоҳи Дубай ба Ҳонконг парвоз карда натавонистанд.

## РЕЗААХБОР

Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-16) таҳти роҳбарии Марко Рачинӣ дар мусобиқаи рушди UEFA, ки аз 23 то 28-уми апрел дар Беларус баргузор мешавад, иштирок дорад. 23-юми апрел наврасон бо ҳамсолонашон аз Ӯзбекистон бозӣ карданд ва бо ҳисоби 1:2 мағлуб шуданд. Бозиҳои оянда бо Беларус (25-уми апрел) ва Озарбойҷон (28-уми апрел) дар назар аст. Мусобиқа аз рӯйи системаи даврӣ дар як марҳила баргузор мешавад.

***

Дастаи мунтахаби куштии кураши Тоҷикистон дар Мусобиқаи кушоди байналмилалӣ ба хотири Маҳмуд-паҳлавон барои дарёфти Ҷоми Президенти Ӯзбекистон, ки дар шаҳри Исфаройини вилояти Хуросони Эрон баргузор гардид, иштирок кард. Паҳлавонони тоҷик Ҳақназар Назаров ва Умар Расулов дар вазни то 90 кг ва Шарифҷон Назриев дар вазни +90 кг дар ин мусобиқа ширкат карда, соҳиби нишонҳои биринҷӣ шуданд.

***

Ҷоми Осиё-2024 (U-23) ба даври чорякниҳоии худ расид. Дар ин давр Қатар бо Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ бо Индонезия, Ӯзбекистон бо Арабистони Саудӣ, Ироқ бо Ветнам бозӣ мекунанд. Ду воҳӯрии аввал рӯзи 25-уми апрел ва ду воҳӯрии баъдӣ рӯзи 26-уми апрел баргузор хоҳанд шуд.

***

Даври якуми воҳӯриҳо дар Лигаи якуми футболи Тоҷикистон баргузор шуданд. Дар ин давр дар чор бозӣ ҳисоби яхкелаи 1:0 ба қайд гирифта шуд. Бозии байни дастаҳои «Хулбук» - «Сарҳадчӣ», «Сомон» - «Сардор», «Ёкут» - «Шодмон» ва «Саройкамар» - «Файзканд» бо ҳамин ҳисоб бар нафъи соҳибони майдон ба охир расид. Дар бозии «Моҳир» бо «Саразм» ҳисоби 2:1 ба қайд гирифта шуд.

# ЧУН ҚУЛЛАҲОИ БАДАХШОН САРБАЛАНД



**Яке аз сарсупурдаҳои соҳаи илм ва маорифи кишвар, омӯзгори ботаҷриба ва устоди варзида Обидҷон Валиев мебошанд.**

Ин марди накӯном ва дарёдил ба синни муборaки 70-солагӣ расида, беш аз 50 соли умри пурбаракаташро сарфи таълиму тарбияи насли ҷавон ва пешравии соҳаи маориф дар Тоҷикистон намудааст. Ҳамин аст, ки шогирдони бешумораш номи Обидҷон Валиевро то ба имрӯз бо эҳтиром ва ифтихори бепоён ба забон меоранд.

Обидҷон Валиев 23-юми апрели соли 1954 дар ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дунё омада, пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи забонҳои хориҷии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дохил шудааст. Соли 1979 донишкадаи мазкурро бо ихтисоси омӯзгори забонҳои хориҷӣ хатм намуда, фаъолияти худро аз мактаби миёнаи №50-и деҳаи Нилӯи ҷамоати деҳоти Алмосии Ҳисор оғоз намудааст. Муддати 15 сол дар ин деҳаи зебоманзари кӯҳӣ ба кӯдакону наврасон забони хориҷӣ омӯзонида, соли 1994 Обидҷон Валиев ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба кор мегузарад. Дониши баланд, ҷаҳонбинии васеъ ва услуби хоси таълимиаш боис гашт, ки Валиев дар ин даргоҳи маърифат байни устодон ва донишҷӯён ҳурмату эҳтироми хосро соҳиб гардида, солиёни тӯлонӣ дар вазифаҳои пурмасъулияти ҷонишини декан, декани шуъбаи тайёрӣ, ёвари ректор ва директори Гимназияи ҷумҳуриявии тамоюли иқтисодидоштаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намуд.

Саҳми ин устоди сахтгир, донишманд ва ҳамзамон дилсӯзу меҳрубон дар пешрафти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, махсусан дар ободонии гимназияи тамоюли иқтисодидошта, ки дар назди ин муассисаи олӣ амал мекунад, хеле калон аст. Тӯли солҳои ба сифати директори гимназияи мазкур кор карданаш Валиев ҳамчун роҳбари дилсӯз ва кордон ин даргоҳи маърифатро бо хуни ҷигар ва меҳнати содиқонаи хеш обод намуда, ба боғи ҳақиқии дониш табдил додааст ва ҳамзамон ҳамчун омӯзгори бомаҳорат садҳо шогирдони арзандаро тарбия намудааст.

Солҳои 2013-2022 Обидҷон Валиев ба сифати раиси Кумитаи иттифоқи касабаи донишгоҳи мазкур кор карда, ҳамеша ғамхори кормандону устодони ин даргоҳи илму маърифат буд. Валиев тамоми талоши худро баҳри беҳдошти шароитҳои кору зиндагии омӯзгорон равона намуда, дар дилу дидаи ҳамкоронаш маъво гирифт. Ҳамин аст, ки ҳампешагонаш то ба имрӯз аз ӯ ба некӣ ёд мекунанд.

Барои хизматҳои арзандааш дар соҳаи маориф ин марди кордон бо нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон қадрдонӣ карда шудааст.

Имрӯзҳо Обидҷон Валиев дар ҳалқаи фарзандон ва наберагонаш давлати пирӣ меронад.

Мо муаллимро аз номи шогирдони бешумораш бо ҷашни муборaки 70-солагӣ муборакбод мегӯем.

**Аз номи ҳайати омӯзгорони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

# ШАРИФМАРДЕ АЗ ТАБОРИ ХИРАД

**Дар ҳамаи давру замон ва дар миёни ҳамаи халқу миллатҳо ашхосе ҳастанд, ки дар баробари шунидан ва ё хондани ному насаби онҳо на симои як шахс, балки симои як фарҳанг, як кишвари илм ва як наҷоди хирад пеши назар меояд. Ин гуна ашхос фарҳангсоз ва илмофаранд. Академик Муҳаммадюсуф Имомзода аз зумраи чунин шахсиятҳост.**



Аз ҳар даричае, ки ба шахси ӯ назар андӯзем, як сифати накӯяш ба чашм меҳурад. Аз як тараф, олими нуктасанҷ, аз тарафи дигар, донишманди соҳибмактаб, аз нигоҳи сеюм, дӯсти содиқ ва аз диди баъдӣ инсони комил.

Ҳар гаҳ, ки сухан дар бораи Муҳаммадюсуф Имомзода равад, беихтиёр, Садриддин Айнӣ ба ёд меояд ва гохе, ки аз устод Айнӣ ёд кунем, симои Имомзода пеши назарамон ҷилвагар аст. Албатта, айнишиносии мо аз Муҳаммадюсуф Имомзода оғоз намеёбад, аммо, дарвокеъ, ҷойгоҳи ӯ дар ин густара хос аст. Дар адабиётшиносии даврони истиқлоли мо масъалаҳои ба осори Айнӣ рабтдоштае намондааст, ки аз ҷониби ин олими маъруф ва нуктасанҷи мо мавриди пажӯҳиш қарор нагирифта бошад. Ӯ, аллакай, дар даврони донишҷӯӣ аз мактаби илмии айнишиносии И. С. Брагинский, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Ш. Ҳусейнзода, А. Маниёзов, Ҳ. Шодиқулов, Х. Асозода ва дигарон бомуваффақият гузашта, аз он давра то ба ҳоло дар мақолаҳову асарҳои пурарзиши худ паҳлуҳои гуногуну норавшани осори устод Айниро ба хонандаи тоҷик ошно кардааст. Чунончи, М. Шакурӣ навиштааст, ки «таҳлили илмии муфассали М. Имомов парда аз рӯйи бисёр сирру асрори санъатхои тасвиркории Айнӣ мебардорад ва вобастагии ин санъатро бо мазмуни иҷтимоиву сиёсии замон падид меорад...».

Дар даврони истиқлоли давлатӣ маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар самтҳои илм ва маорифи миллии мо мактаби айнишиносӣ низ эхё гардид. Ин ибтикори фархунда боиси он гардид, ки Муҳаммадюсуф Имомзода мактаби айнишиносии худро ташкил намояд. Дар давоми понздаҳ соли даврони истиқлол (2000-2015) ин донишманди камназири тоҷик доир ба масъалаҳои ҷаҳонбинӣ, таҳаввули тафаккури бадеӣ, мақоми сюжет ва тасвир, аҳамияти таҳқиқ, тарҷума ва нашри осори устод Айнӣ пажӯҳишҳои судманд анҷом дода, ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт ва эҷодиёти ин Қаҳрамони Тоҷикистонро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Рӯзгори Муҳаммадюсуф Имомзода саропо сарфи пажӯҳишҳои илмӣ гашта, ҳар як асар ва мақолаи ӯ барои адабиётшиносии миллии мо арзиши хосе доранд. То ба имрӯз ба қалами ӯ бештар аз 10 асар ва 170 мақолаи илмӣ тааллуқ дошта, ба 20 асари илмӣ муҳаррир, мураттиб ва мушовир будааст. Фишурдаи гузоришҳои ӯ дар 35 маҷмуи мақолоти конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расида, зери роҳбарии ӯ 15 нафар унвонҷӯён рисолаи номзадӣ ва тахти мушовирии ӯ 13 нафар докторантҳо рисолаҳои докторӣ ҳимоя намудаанд. Мақолаҳои эшон бо забонҳои хориҷӣ низ тарҷума гардида, ба доираи васеи аҳли илм пешниҳод шудаанд.

Ҳамрадиф бо ин, матлаби «қадри зар заргар бидонад, қадри ҷавҳар Ҷавҳарӣ», бештар аз 30 мақола дар бораи М. Имомзода, ки бо забонҳои гуногун берун аз кишвар ба табъ расидаанд, ба ёд мерасад. Дар ин мақолаҳо, на танҳо тоҷикон, балки намояндагони дигар халқу миллатҳо симои Муҳаммадюсуф Имомзодаро дар тасвирҳои гуногун иброз дошта, ӯро «кошифи розҳои нуҳуфтаи илм», «инсони комил», «ҷонфидои ҷодаи айнишиносӣ», «инсони бонизом» ва «раҳҷӯйи пайраҳи илм» гуфтаанд.

Як амри дигари қисматро дар чандин пажӯҳишгарони илмӣ ба мушоҳида гирифтаам. Яъне, рӯзгор ва осори адиби мавриди пажӯҳиш қарогргирифта ба рӯзгор ва осори муҳаққиқи он бетаъсир намемондааст. Дар ин росто, Муҳаммадюсуф Имомзода низ дар баробари таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи рӯзгор ва осори устод Айнӣ якчанд хислати ин фарзонафарзанди миллатро ба худ гирифтааст. Масалан, дар баробари нависандаи бузург, олим, шоир, рӯзноманигор будани Айнӣ, ӯ маорифпарвари бузург ҳам ҳаст. Муҳаммадюсуф Имомзода низ дар баробари адабиётшиноси закитабъ будан, маорифпарвари шинохта ҳам ҳаст. Мавсуф аз соли 1991 то ба имрӯз ба фаъолияти маорифпарварӣ пайваста машғул буда, дар зинаҳои гуногун: аз муаллими калон сар карда, декани факултет, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба мансаби Вазири маориф ва илми кишвар (2020-2022) ҳамора дар пайи тарбияти фарзандони халқ будааст. Имрӯз низ ин масъулият як қисми асосии рисолати шарифи ӯро фаро гирифта, рӯзгори калонсолиашро ба маориф пайванд додааст.

**Саъдии бузургвор мефармояд:**

*Барги дарахтони сабз дар назари хушёр,*
*Ҳар варақе дафтарест, маърифати Кирдугор.*

М. Имомзода барои саҳми бузург дар илм ва адабиётшиносии миллии мо бо дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илмҳои филологӣ, унвонҳои илмии дотсент ва профессор ва унвони олии илмӣ, унвони академӣ - узви вобаста (2008) ва пайваста (2014) - академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия (2005) мушарраф гардидааст. Ҳамчунин, барои нақши бузургаш дар ҷодаи рушди илми тоҷик дар хориҷа ва ҳамкориҳои байналмилалии мо дар самти илму маориф ба унвонҳои илмии профессори фахрии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (2006), профессори фахрии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (2012), профессори фахрии Донишгоҳи Син-зян, профессори фахрии Донишгоҳи давлатии забоншиносии Москва (2013) ва профессори фахрии Донишгоҳи славянии Қирғизистону Россия (2018) мушарраф гардидааст.

Басе бародар аст, ки дӯст нест ва басо дӯст ҳаст, ки бародар нест. Аммо пешорӯйи ман ин ном, яъне Муҳаммадюсуф Имомзода, ҳамеша ва пеш аз ҳама, ин ду мафҳум: дӯст ва бародарро дар якҷоягӣ таҷассум менамояд. Эшонро ба ифтихори милоди шарифашон таҳният намуда, аз забони Рӯдакии бузург мегӯям:

*Ҷуз ин дуот нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфта,*
*Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ.*

**Шодимуҳаммад СУФИЗОДА,**
**доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии АМИТ**

## МАВЛУДНОМА

**• 25 АПРЕЛ •**

**Улжаназар Аҳмадов** (1909-1991), 115-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Абдулло Иброҳимов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Борис Киановский** (1904-1993), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Абдуғанӣ Нурматов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**• 26 АПРЕЛ •**

**Соҳибназар Бекназаров** (1934), 90-солагии арбоби ҳизбӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Далер Лоҳутӣ** (1934), 90-солагии зодрӯзи филолог, файласуф, тарҷумон (писари Абулқосим Лоҳутӣ).

**Ғафур Мансуров** (1884-1977), 140-солагии зодрӯзи наққош, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Юрий Соловей** (1929), 95-солагии зодрӯзи ҳунарманд ва коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 27 АПРЕЛ •**

**Александра Лашкарева** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Майя Сатторова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Хосият Тоҷибоева** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Муҳаммад Афсар** (1879-1970), 145-солагии зодрӯзи шоир ва муҳаққиқи эронӣ.

**• 28 АПРЕЛ •**

**Муҳаммадюсуф Имомзода** (1959), 65-солагии зодрӯзи ходими давлатӣ, адабиётшинос, доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ ҶТ.

**Абдусаттори Абдушукур** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Раҷабмад Ами**ров (1954), 70-солагии зодрӯзи санъатшинос, профессор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Қайлай Қодиров** (1939-2006), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Аҳмадшои Маҳмадшо** (1954-2004), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

**• 29 АПРЕЛ •**

**Кенҷа Баротов** (1919-1991), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Николай Киевский** (1924), 100-солагии зодрӯзи роҳбари оркестри ҳарбӣ, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Раъно Султонова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Баҳром Ҳомидов** (1944-2011), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

**• 30 АПРЕЛ •**

**Мирзои Кало**н (1764-1838), 260-солагии зодрӯзи шоир, олим ва хаттот.

**Қобилҷон Мансуров** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Мусулмонқул Мирзоалиев** (1954-2007), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Водӣ Шарифов** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**• 1 МАЙ •**

**Рауф Азаматов** (1939-1985), 85-солагии зодрӯзи доиранавоз, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Фаттоҳ Азизов** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Абдулло Бердиев** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҷӯрабой Бурҳонов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Мазҳариддин Ғозиев** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Искандар Давлатов** (1964), 60-солагии зодрӯи олими соҳаи иқтисод.

**Аслишо Мазҳабшоев** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Маҳмадвафо Маҳмадлоиқов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Рауф Муродов** (1939), 85-солагии зодрӯзи санъатшинос, профессор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Марям Набиева** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Исмоил Раҳимӣ** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Абдулваҳҳоб Собиров** (1934), 90-солагии зодрӯзи устоди йога, Президенти Ассотсиатсияи йогҳои Тоҷикистон.

**Аҳмад Хоҷаев** (1944), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос, шарқшинос.

**Мунирхон Хоҷаев** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**Ҳалимаи Хушқадам** (1954), 70-солагии зодрӯзи нависанда, сиёсатшинос.

**Лола Ҳасанова** (1939-2009), 85-солагии зодрӯзи санъатшинос (театр), Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «НУРИ ХУМО» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба санаи 31-уми декабри соли 2023

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2023 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пули дар хазина | 4.1. | 54 929 | 250 170 |
| Суратмуросилоти дар дигар бонкҳо | 4.1. | 17 649 222 | 7 328 360 |
| Сандуки қарзии соф | 4.2. | 12 537 806 | 23 906 421 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3. | 292 979 | 338 066 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.4. | 262 253 | 295 831 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.5. | 112 407 | 100 514 |
| Пешпардохти андоз аз даромад | 4.6. | 2 229 670 | 2 830 835 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **33 139 266** | **35 050 197** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.7. | 268 587 | 914 340 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 4.7. | - | - |
| **Ҳамаги ухдадорихо** | | **268 587** | **914340** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Захираи умумӣ | 4.8 | 20 288 | 20 288 |
| Заххира барои амалиётҳои ояндаи Фонд | 4.8 | - | - |
| Фоидаи тақсимнашуда | 4.8 | 32 395 514 | 32 549 483 |
| Фоидаи софи соли ҷорӣ | 4.8 | 240 476 | 1 566 086 |
| **Ҷамъи сармоя** | | **32 870 679** | **34 135 857** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **33 139 267** | **35 050 198** |

ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «НУРИ ХУМО» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

## ҲИСОБОТ ОИДИ МАҶМӮИ ДАРОМАД

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | Эхоҳ | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизи | 5.1 | 1 655 016 | 4 538 512 |
| Хароҷоти фоизи | 5.1 | - | - |
| **Даромади софи фоизӣ то ташакулл (барқароркунии) ФПТИ** | | **1 655 016** | **4 538 512** |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз ташкили ФПТИ** | | **(271 619)** | **(278 261)** |
| **Даромади софи фоизӣ баъд аз ташакулл (барқароркунии) ФПТИ** | | **1 383 397** | **4 260 251** |
| Фоида/зарар аз амалиетҳои асъори | 5.1 | 589 750 | 12 560 |
| Даромад (хароҷот) ғайрифоизи | 5.1 | (53 194) | (784 822) |
| Хароҷоти амалиёти | 5.1 | (1 242 584) | (1 991 197) |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз фаъолияти амалиёти** | | **(706 028)** | **(2 763 459)** |
| **Даромад (хароҷоти) ғайри амалиёти** | | **(412 451)** | **150 432** |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **264 917** | **1 647 224** |
| Андоз аз фоида | 5.2 | (24 441) | (81 138) |
| **Фоидаи софи давра** | | **240 476** | **1 566 086** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| **Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол** | | - | - |
| **Ҳамаги дигар даромади умумӣ** | | - | - |
| **Ҳамаги даромади умумӣ** | | **240 476** | **1 566 086** |

ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «НУРИ ХУМО» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| Номгӯи нишондиҳанда | Фоидаи тақсим-нашуда | Захираи умумӣ | Захира барои амалиётҳо и ояндаи ташкилот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 01.01. 2022 с.** | **32 395 514** | **58 170** | - | **32 453 684** |
| **Афзоиш (камшавии) сармоя** | **(32 395 514)** | - | | **(32 395 514)** |
| **Афзоиш(камшавии) захираҳо** | - | **(37 882)** | **32 395 514** | **32 357 632** |
| **Таҳрири фоидаи тақсимнашуда** | - | - | - | - |
| **Фоидаи софи соли 2021** | - | - | **240 476** | **240 476** |
| **Бақия ба 31.12. 2022 с.** | - | **20 288** | **32 635 990** | **32 656 278** |
| **Афзоиш (камшавии) сармоя** | - | - | **(86 507)** | **(86 507)** |
| **Афзоиш(камшавии) захираҳо** | - | - | | - |
| **Таҳрири фоидаи тақсимнашуда** | - | - | - | - |
| **Фоидаи софи соли 2022** | - | - | **1 566 086** | **1 566 086** |
| **Бақия ба 31.12. 2023 с.** | - | **20 288** | **34 115 569** | **34 135 857** |

ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «НУРИ ХУМО» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАХОИ ПУЛӢ

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | 2022 | 2023 |
|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | |
| Фоидаи (зарари) соф то андозбандӣ | 264 917 | 1 647 224 |
| **Ислоҳи фоидаи (зарари) соф:** | | |
| Хароҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороиҳо | 45 341 | 102 430 |
| Тағирёбии дороиҳое, ки ба онҳо фоиз ҳисоб мегардад | - | (39 505) |
| Дигар тасҳеҳҳои фоидаи тақсинашуда | - | - |
| Фоидаи софи фоизӣ | - | - |
| **Ҳаракати накдина бо даромадҳои оператсионӣ то тағирёбии дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо** | **(1 344 758)** | **(2 828 363)** |
| Афзуншавӣ\камшавии софи қарзҳои додашуда | (8 836 253) | (11 313 770) |
| Афзуншавӣ\камшавии софи маблаҳои дар бонк буда | 11 228 575 | 10 320 862 |
| Афзуншавӣ\камшавии софи дороиҳои дигар | (274 883) | (45 087) |
| Афзуншавӣ\камшавии софи дигар ӯҳдадориҳо | 77 439 | 189 131 |
| **Ҳаракати софи тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | **2 194 878** | **(848 864)** |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андоз аз фоида ва фоизҳо** | **850 120** | **(3 677 228)** |
| Фоизҳои гирифташуда | 1 511 842 | 4 430 659 |
| Фоизҳои пардохташуда | - | - |
| Андоз аз фоидаи пардохташуда | (2 189 359) | (682 303) |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **172 604** | **71 128** |
| **ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИОНӢ** | - | - |
| Фурӯши қоғазҳои қимматнок | - | - |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (154 741) | 124 114 |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | - | - |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти инвеститсионӣ** | **(154 741)** | **124 114** |
| Дохилшавии қарз | - | - |
| Ҳиссагузории муассисон | - | - |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | - | - |
| **Даромад/хароҷот аз фарқияти қурби асъор** | - | - |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **17 862** | **195 241** |
| ***Воситаҳои пули ва эквивалентҳои он дар аввали сол*** | ***37 067*** | ***54 929*** |
| ***Воситаҳои пули ва эквивалентҳои он дар охири сол*** | ***54 929*** | ***250 170*** |




# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «НУРИ ХУМО»

КАРЗ ТО 250 000 СОМОНӢ.

ТО 30 000 СОМОНӢ.

Бе гарав ва бе зомин.

Фоизи солона аз - 25%.

Ҳаққи комиссионӣ - 0%.

Мухлати қарз то 36 моҳ.

Телефон: 88888 10 90

# МАФИЯИ ЗАМИНФУРӮШӢ

## Ё “корнома”-и 2 амакбача дар Хуросон

**Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон аз боздошти раиси Кумитаи замини ноҳияи Хуросон хабар дод.**



Гуфта мешавад, ки раиси Кумитаи замини ноҳияи Хуросон Бобокалонов Муҳаммадзиё, соли таваллудаш 1975 ва раиси ҷамоати Ҳилолӣ Бобокалонов Муҳимбек, соли таваллудаш 1968 хешу табори наздик - амакбачаҳо буда, аввалӣ баъди ба мансаби баландтар рафтанаш мансаби қаблиашро бегона нашавад гуфта, ба хешбачаи худ додааст.

Бобокалонов Муҳимбек, ки аз соли 1991 дар ноҳияи Хуросон дар мансабҳои гуногун кор карда, ҳоло раиси ҷамоати Ҳилолӣ будааст, дар асоси маслиҳати пешакӣ бо писарамакаш Бобокалонов Муҳаммадзиё, ки солҳои зиёд ба ҳайси муҳандиси заминсоз, муовини раис ва раиси ҷамоати Ҳилолӣ кор карда, ахиран курсии раиси Кумитаи замини ноҳияи Хуросонро ба даст овардааст, забон як карда, бо миёнаравии рафиқашон Ҷалматов Қудрат аз шаҳрвандон бар ивази ҷудо кардани китъаҳои замин пул гирифтаанд.

Аз ҷумла, онҳо аз Ҳаитов Абдулвоҳид, сокини ҷамоати Ҳилолӣ 8 ҳазор сомонӣ, аз Абдурасулов Боймурод, сокини ноҳияи Вахш 14 ҳазор сомонӣ, аз Исмоилова Насиба 20 ҳазор сомонӣ ва аз Кӯкиева Сифатой 2 ҳазор доллар гирифта, аз заминҳои ҷамоати Ҳилолӣ ба ҳар кадоми онҳо аз 8 то даҳяк сотих замини наздиҳавлигӣ ҷудо кардаанд.

Бо мақсади ба даст овардани боварии шаҳрвандон ва қонунӣ нишон додани аъмоли худ онҳо дар компютер санадҳои қалбакии сертификати заминро чоп карда, ба ин корафтодагон додаанд ва сокинон ба сухани онҳо бовар карда, дар он заминҳо алакай хона сохтаанд. Вале ҳоло маълум шуд, ки ин заминҳо ба ин сокинон ғайриқонунӣ ҷудо карда дода шудааст.

Феълан тафтишот идома дорад.

# ҶАРО СИТОРА ПАДАРИ 3 ФАРЗАНДАШРО КУШТ?

**ВКД Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе як ҷавонзани модари 3 фарзанд шавҳарашро куштааст.**



Шаҳрванд Ҳамидова Ситора Абдуҷалиловна, санаи таваллудаш 16-уми ноябри соли 1990, бо 3 фарзанд ва шавҳараш Ғуломов Манучеҳр Раҳимович, санаи таваллудаш 5-уми апрели соли 1986, дар як ҳавлӣ дар кӯчаи Мунзими ноҳияи Фирдавсӣ ичора менишастанд. Шаби 23-юми марти соли 2024 низ Манучеҳр Ғуломов дар ҳолати мастӣ ба хона омада, бо ҳамсараш боз ҷанҷол кардааст. Ситора Ҳамидова, ки аз ҷанҷолҳои пайвастаи шавҳараш ба ҷон омада буд, ин дафъа дигар тоқат накарда, бо корд ба бадани шавҳараш зарба задааст.

Худи Ситора Ҳамидова дар гузориш ҷараёни ҳодисаро чунин нақл кард: “Кордро аз рӯи миз гирифтаму ба қисмати байни қафаси сина ва гарданаш задам. Дар ҷояш нишаст ва гуфт, ки сарам фур (гирд) гашта истодааст. Баъд ман ба пахлу хобондамашу ба рӯяш об задам. Сипас ба “Ёрии таъҷилӣ” занг задам. Табибон омаданду диданд ва гуфтанд, ки мурдааст алакай...”.

Маълум нест, ки чӣ боиси ҷанҷоли маргбор байни зану шавҳар шудааст ва кадом сухан ё рафтори шавҳар занро водор кардааст, ки ба даст корд бигирад ва ба қафаси синаи шавҳараш бизанад. Ва он ҳам дар моҳи шарифи Рамазон.

Ба ин ҷавонзан барои одамкушӣ ҳамчун ҷазо аз 8 то 15 соли зиндон таҳдид мекунад.

# ЧӢ ТАВР МАОШИ 69 НАФАРРО МЕГИРИФТ?

**Мудири собиқи Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳритус Ёқуби Л. ба тасарруфи маблағҳои ин корхона ба андозаи қариб ним миллион сомонӣ айбдор мешавад.**

Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон рӯзи 18-уми апрели соли 2024 хабар дод, ки Ёқуби Л. аз 19-уми декабри соли 2014 то 3-юми апрели соли 2023, яъне беш аз 8 сол дар вазифаи мудири ин муассиса кору фаъолият карда, аз моҳи январи соли 2021 то моҳи майи соли 2023 дар асоси маслиҳати пешакӣ бо дигар шахсони масъули муассиса бо роҳи сохтакорӣ ба ному насаби 69 корманди собиқи литсей ва шахсони бегона парвандаҳои шахсӣ оид ба гӯё кор кардани онҳо дар ин корхона ва ҳуҷҷатҳои муҳосибиро омода кардаанд.

Сипас Ёқуби Л. ва шарикони ӯ дар асоси ҳуҷҷатҳои бараъло қалбакӣ омодашуда ба номи 69 нафар ғайриқонунӣ кортҳои бонкӣ кушода, ҳар моҳ ба номи онҳо ҷамъ маблағи 470 ҳазору 583 сомониро ҳамчун музди маош гузаронида, сипас тавассути банкоматҳо ин пулҳоро нақдӣ кунонида, гирифтаанд. Ёқубов ва ҳамроҳонашро барои тасарруфи маблағи ниҳоят калон то 2700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ва ё то 5 соли зиндон таҳдид мекунад.



**Кормандони Раёсати гумруки вилояти Суғд қочоқбареро боздошт намуданд, ки мехост аз Қирғизистон зиёда аз 2,7 тонна маводи тиббиро интиқол диҳад.**

“... зимни азназаргузаронии автомашинаи тамғаи «Mercedes-Benz Sprinter», аломати қайди давлатиаш 28-84 МК/02, таҳти идораи сокини Хуҷанд Мубинҷон Бурхонов маводи гуногуни доруворӣ истеҳсоли Русия...”,- зикр мешавад дар хабар. Нисбати боздоштшуда мутобиқи моддаи 289, қисми 2-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон - “Контрабанда (қочоқ)” парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст.




**Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон як вакили дифоъро бо иттиҳоми қаллобӣ боздошт кардааст.**

Гуфта мешавад, ки адвокат Чалишов бо ваъдаи кам кардани ҷазо аз тарафи додгоҳ, аз ду зерҳимояаш 200 ҳазор сомонӣ гирифтааст.

Аммо ба фоидаи зерҳимояаш “ягон амали муайянро иҷро накардааст”. Алайҳи ӯ бо иттиҳоми қаллобӣ дар ҳаҷми махсусан калон парванда боз кардаанд.




**Дар шаҳри Душанбе М. Ҳ.-и сенздаҳсола аз ошёнаи 16-уми бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Сино худро ба зер партофта, даст ба худкушӣ задааст.**

Ҷасади ӯ 21-уми апрел бидуни нишонаҳои марги маҷбурӣ пайдо шудааст. Тибқи маълумоти РВКД Душанбе ва таҳлили сабтҳои видеоии дурбинҳои назоратӣ, марги наврас худкушӣ будааст. М. Ҳ. хонандаи синфи 7-уми мактаби миёнаи рақами 78-и шаҳри Душанбе, воқеъ дар микрорайони 65-и ноҳияи Фирдавсӣ буд. Далели даст ба худкушӣ задани вай таҳқиқ мешавад.

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникии бинои истиқоматӣ, рақами инвентарӣ 1189, аз санаи 25.09.2023 ба номи Шамсов Бахтовар Абдулҳафизович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Шараф, хонаи 192, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №10845 аз санаи 21.08.2014 ба номи Абдуллоев Бахтиёр, ш. Душанбе, бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 15/1, ҳ. 23, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1471731 ба номи Назриев Хайём Абдусатторович, ки соли 2022 аз МДТ "Литсей барои хонандагони болаёқат"-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос аз санади шаҳодаткунонӣ дар ВТЭК ба маълумотномаи Сер ВТЭ-1 №4721 ба номи Боева Зарафо Қурбоналиевна, ки аз 20-уми декабри соли 1999 аз ҷониби Вазорати ҳифзи иҷтимоии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Исломов Фирдавси Шамсуллоевич, РЯМ: 0331407075, РМА: 056771996, ки аз Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақавии №000881 аз 07.01.2002, ки дар РМИ ВКД ҶТ ба номи Нарзикулова Назира Раҳматуллоевна ба қайд гирифта шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Зугунов Акбарали Аъзамҷонович, РЯМ: 0710183365, РМА: 075120348, ки аз 01.11.2018 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0341022 ба номи Мирзаев Шӯҳрат Иркинович, ки санаи 16.06.2009 аз Гимназияи №74-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби иваз намудани ному насаб беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0447876 ба номи Мирзоев Шӯҳрат Иркинович, ки санаи 28.06.2011 аз Гимназияи №74-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби иваз намудани ному насаб беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 АТУ №0959845 ба номи Ҳаитов Фариддун Аббосович, ки соли 2021 аз МТМУ №121-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор санаи 10-уми ноябри соли 2016, таҳти феҳристи №4Н-87 ба номи Холов Олим Боймуродович нисбат ба хонаи истиқоматӣ 46, воқеъ дар шаҳри Ҳисор, кӯчаи А. Юсупов дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбӣ ҶТ №14814 ба номи Окбаев Файзиддин Аминқулович, ки санаи 29.12.2022 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Умаров Абулфазл Мухаммадҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳаёти нав 273/2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ба номи Атаҷонов Темур Расулович, ИНН: 025433560, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҳмонова Ордоқ Рустамовна, РЯМ: 3330016168, РМА: 335162468, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ба номи Алихонов Улон Кодирбердиевич, РЯМ: 3330015911, РМА: 335170101, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №8677 ба номи Мирзоев Хушнуд Раҷабович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Хуҷамбиёи Поён, хонаи 95/2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Арчаев Меликмурод, РЯМ: 0730146845, РМА: 075985155, ки аз санаи 22.02.2017 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба Хоҷагии деҳқонии Эшмирзо - 2008, РЯМ: 0730020483, РМА: 075444343, ки аз санаи 04.05.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба Хоҷагии деҳқонии Қурбонали, РЯМ: 0730176829, РМА: 076492600, ки аз санаи 22.05.2018 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ БОНКИ «АРВАНД»**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 БА ОХИР РАСИД**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 ба охир расид | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 4 | 244,355 | 189,483 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (100,369) | (79,742) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВӢ ВА ЭЪТИРОФИ ТАХФИФ АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ БА МИЗОҶОН ДОДАШУДА | | 143,986 | 109,741 |
| (Ташаккули)/барқарорсозии захира барои талафоти эҳтимолии қарзӣ аз руи қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 15 | (4,631) | (4,164) |
| Эътироф кардани тахфиф аз рӯи қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 15 | (1,936) | (2,222) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 137,419 | 103,355 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 5,206 | 11,897 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 5 | (6,387) | (10,417) |
| Зарари соф рӯи амалиётҳо бо воситаҳои молиявӣ | 6 | (9,101) | (14,850) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 3,561 | 52,016 |
| Ҳаракати захира оид ба беқурбшави ва талафотҳои эҳтимолии қарзӣ аз рӯи дороиҳои ғайрифоиз | 8 | 5,371 | (136) |
| Дигар даромадҳо, холис | 9 | 8,435 | 4,755 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 7,085 | 43,265 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 10 | (103,097) | (82,830) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | 41,407 | 63,790 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 11 | (8,703) | (12,343) |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | 32,704 | 51,447 |
| Маҷмӯи даромади ғайр: | | | |
| Унсурҳое, ки наметавонанд баъдан ба ҳисобот оид ба фоида ё зарар тасниф карда шаванд: | | | |
| Тағйирёбии арзиши одилонаи сармоягузорӣ | | - | - |
| Азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | 17 | - | - |
| ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ДАРОМАД | | 32,704 | 51,447 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Содиқова Шоира**
**Раиси Бонк**

28 марти соли 2024
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Абдуллоев Қаҳор**
**Директори департаменти молиявӣ**

28 марти соли 2024
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 11-69 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-5 оварда шудааст.

**ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ БОНКИ «АРВАНД»**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри с. 2023 | 31 декабри с. 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 12 | 91,561 | 135,314 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 13 | 1,813 | 19,684 |
| Воситаҳои барои истифода маҳдуд | 14 | 43,076 | 33,004 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 15 | 963,558 | 746,872 |
| Сармоягузорӣ | 16 | 356 | 301 |
| Воситаҳои асосӣ | 17 | 38,702 | 35,313 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 18 | 5,204 | 4,405 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 19 | 9,436 | 4,507 |
| Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд | 20 | 356 | 980 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузоштащуда | 11 | 5,169 | 5,423 |
| Дороиҳои дигар | 21 | 30,622 | 10,217 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 1,189,853 | 996,020 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО: | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 22 | 68,430 | 15,118 |
| Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд | 23 | 1,818 | 7,995 |
| Воситаҳои мизоҷон | 24 | 272,747 | 166,926 |
| Маблағҳои қарзӣ | 25 | 642,223 | 628,798 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 19 | 10,359 | 4,943 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 26 | 10,662 | 20,062 |
| | | 1,006,239 | 843,842 |
| КАПИТАЛ: | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 27 | 50,159 | 51,427 |
| Сармояи барилова пардохтшуда | | - | - |
| Захираҳои умумӣ | | 86,265 | 34,214 |
| Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | 17 | 13,882 | 14,486 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 33,308 | 52,051 |
| | | 183,614 | 152,178 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ | | 1,189,853 | 996,020 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Содиқова Шоира**
**Раиси Бонк**

28 марти соли 2024
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Абдуллоев Қаҳор**
**Директори департаменти молиявӣ**

28 марти соли 2024
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 11-69 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-5 оварда шудааст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти 1Ш-165, ки аз 16.05.2009 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ҷиргатол ба номи Сайдаминова Шарофат бо суроғаи н. Ҷиргатол, деҳаи Чан-Чер ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти рақами 1о-216, ки аз 29.03.1991 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат ба номи Шокиров Бобишо Меликович бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Мухтор Ризо (пешинааш Почтовая), хонаи 38 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун тахти феҳрасти 10Н-707 кори меросии 397/86 сол аз тарафи Идораи нотариалии 1-уми шаҳри Душанбе ба номи Раҷабов Абдусалом Ҷаборович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Восеъ, хонаи 53, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти 9Д-527, ки аз 13.04.1990 дар Идораи нотариалии давлатии 1-уми ш. Душанбе ба номи Ҳалимов Абдувоҳид бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Энергетиков, хонаи 3, ҳ. 3 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 А №018309, ки соли 1992 ба номи Чебаткова Наталья Вячеславовна аз ҷониби МТМУ №203, ноҳияи Рӯдакӣ (Ленинского район) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ аз санаи 18.10.2020 ба номи Назарова Дилором, РЯМ: 0730206556, РМА: 165142215 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Маҳмудзода Фирдавсӣ Ҳусейн, ки соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти 1Ш-799, ки аз 16.09.2008 дар Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ, ш. Душанбе ба номи Муродов Ибодуло Хайтуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, 3-юм гузаргоҳи кӯчаи Лоҳутӣ, хонаи 8 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун тахти феҳрасти 10-Н-70, ки аз 17.02.1983 дар Идораи нотариалии давлатии 1-уми ш. Душанбе ва дубликати он тахти феҳрасти рақами 29Б-180 аз 09.06.2021 сол аз тарафи Бойгонии назди Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Ашурова Сайда, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 26 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №38778, ба номи Ниёзова Дилбар, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Хоразмӣ 5, (собиқ Тунис), ҳ. 24, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хона бо реестри №8Ш-144 аз санаи 15-уми январи 2008 ба номи Ниёзова Дилбар Мирзоумаровна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Хоразмӣ 5, (собиқ Тунис), ҳ. 24, ки дар нотариуси давлатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Сафолова Маниҷахон Махмадзоировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мир Алӣ 3, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳристи №1Ш-1403 аз 22-юми августи соли 2018 ба номи Сафолова Маниҷахон Махмадзоировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мир Алӣ 3, ҳ. 3, ки дар нотариуси давлатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Усмонов Умарҷон Сунатуллоевич, ки соли 2023 аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Бинои Тоза", ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ, ш. Душанбе, РЯМ: 0310021379, РМА: 030033195, ба қайд гирифта шудааст, барҳам дода мешавад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Ҳоҷи Абдурасул", РЯМ: 0710011418, РМА: 070018462, аз 21.09.2022 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Мустафо Сохтмон", РЯМ: 0910009082, РМА: 090015155, аз 14.04.2017 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**JOB VACANCIES**

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Monitoring and Evaluation Analyst (HIV/AIDS and TB Project),**
  **"Only for citizens or residents of Tajikistan" (Job ID:17602/NPSA–8)**
  **Duty Station: Dushanbe, Tajikistan, Deadline for applications: 2 May 2024, 23:59 NY Time**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Аввали ҳафта каме серташвиш аст, ташаббусҳоятон дучори монеаҳои ҷиддӣ мегарданд. Ҳамсафари ҳаётӣ дар пешравиҳоятон монеа эҷод мекунад. Агар дар муносибатҳои оилавии шумо кайҳо боз нофаҳмӣ пайдо шуда бошад, дар ин рӯзҳо ба моҷарои калон мепечад.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Аввали ҳафта бо сабаби пеш омадани монеаҳо озодона амал карда наметавонед. Хусусан нафароне, ки бемориҳои музмин доранд, аз хона баромада наметавонанд. Эҳтимол ба кумаки наздикон ниёз пайдо мекунед ё аз шумо кумак мепурсанд.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Аввали ҳафта бо дӯстон дилхушӣ карданро тавсия намедиҳем, дар акси ҳол байнатон мунокиша бархоста, асабатон хароб мегардад. Эҳтимол дӯстони пешинаро вомехӯред ё хабареро мешунавед, ки шуморо дар ҳоли ногувор мегузорад.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Кӯшишу талошҳоятон баҳри беҳтар сохтани вазъи зиндагӣ хуб аст, вале наздикон аз беаҳамиятии шумо дилгир мешаванд. Дар ин рӯзҳо дӯстону ҳамфикрони зиёд пайдо мекунед. Агар нафаре аз шумо кумак пурсад, рад накунед.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Аввали ҳафта сафарҳои ба нақша гирифтаатон бо сабабҳои пеш омадани мушкилиҳо ба таъхир мемонанд. Муносибататон бо хешовандон, ҳамсояву шиносон душвор мегардад. Ҳама гуна робита бо атрофиён бо мунокиша анҷом меёбад.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Дар масъалаҳои молиявӣ душвориҳо сар мезананд. Саломатии худро зери хатар нагузоред, эҳтимоли ҷароҳат бардоштанатон хеле зиёд аст. Рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе барои бастани ақди никоҳ, тӯйи арӯсӣ, саёҳати тӯёна ва шиносоии ошиқона мусоиданд.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Мушкили асосии шумо дар ин ҳафта муносибатҳои заношавҳарӣ мегардад. Ба хоҳиши ҳамсари худ гӯш андозед, бо вуҷуди бемулоҳиза будани гапҳояш сабру таҳаммулро пеша намоед. Аз мунокиша худдорӣ намоед, хусусан аввали ҳафта ба моҷаро роҳ надиҳед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Касбу кор ва вазъи саломатиятон боиси ташвишу нороҳатӣ мегардад. Аввали ҳафта бо кори зиёд хаста нагардед, вагарна саломатиятон нохуб мегардад. Бенизомӣ дар кору хона боиси асабоният гардад ҳам, имкони ҷорӣ кардани тартиботро пайдо намекунед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Рафтори бемулоҳиза ба муносибатҳои ошиқонаатон бетаъсир намемонад. Хоҳиши боисрори шуморо дӯстдоштаатон ҳамчун фишори дағалонаву густохона қабул мекунад. Худро ба даст гиред, вагарна рӯзҳои душанбе ва сешанбе мунокишае рух дода, аз ҳам ҷудо мешавед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Дар оилаи нафароне, ки то ин дам оромиву нишот набуд, вазъият душвортар мегардад. Хусусан рӯзҳои душанбе ва сешанбе мухолифат ба зиддияти ошкоро мубаддал мегардад. Ҷаддиҳои муҷаррад дар ин рӯзҳо дар наклиёт ё қаҳвахона бахти худро пайдо карда метавонанд.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Дар ин ҳафта робитаатон бо одамон душвор мегардад. Ростгӯӣ ва боисрории шуморо атрофиён ҳамчун дағалӣ ва густохӣ қабул мекунанд. Ба вазъият нигоҳ карда, уҳдабаро ва ботаҳаммул бошед. Вазъи молиявиатон беҳтар мегардад.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Дар ин ҳафта аз сарфи зиёди маблағ худдорӣ намоед. Мушкилиҳои молиявӣ дар ҷойи аввал қарор гирифта, тамоми вақтатонро фаро мегирад. Мутаассифона, ҳар қадаре, ки қуввату маблағи худро зиёд сарф кунед, ҳамон андоза корҳоятон чигил мешаванд.



### Достон

Ҷавонзане аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, ту маро мисли он ки Маҷнун Лайлиро дӯст медорад, дӯст дошта метавонӣ?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Намедонам, ман ин достонро нахондаам.

Зан боз мепурсад:

- Маро мисли он, ки Отелло Дездемонаро рашк мекард, рашк карда метавонӣ?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Намедонам, ман ин достонро нахондаам.

Зан ин дафъа мепурсад:

- Ту кадом китобро хондаӣ?

Шавҳар дар ҷавоб:

- «Муму»-ро хондаам. Агар саг барин ҷақидан гирӣ, дар об ғарқ кунонида, мекушам.

### Сипосгузорӣ

Духтараки донишҷӯ ҳуҷҷатҳои ронандагияшро гирифта, бори аввал модарашро то хонаашон мебарад. Вақте мошин манъ мешавад, модар мегӯяд:

- Сипосгузорам.

Духтараш мегӯяд:

- Саломат бошед!

Модараш мегӯяд:

- Ман аз ту не, аз Худованд сипосгузорам, ки сиҳату саломат расидам.

### Умри дароз

Зан ба сари шавҳар дод мегӯяд:

- Майхорагии ту ба дилам задааст! Ҳар рӯз маст меоӣ, ақаллан як рӯз хушёр меомадӣ, ман аз хурсандӣ мурғамонро кушта, оши палов мепухтам.

Рӯзи дигар зан ба ҳавлӣ баромада, мебинад, ки шавҳари масташ мурғро бағал карда, гуфта истодааст:

- Зиқ нашав, ту умри дароз мебинӣ!

### Ҳалли масъала

Писарбачае аз мактаб гирён ба хона меояд. Падараш ӯро дида, мепурсад:

- Ҳа, ба ту чӣ шуд? Кӣ туро зад?

Писарбача мегӯяд:

- Муаллими математика.

Падар:

- Барои чӣ муаллим туро мезадааст?

Писарбача:

- Муаллим гуфтанд, ки ҳалли масъаларо пайдо намоям, вале ман наёфтам.

Падар ҳайрон шуда, мегӯяд:

- Мо чил сол пеш ҳар рӯз дар дарси математика ҳалли масъалаҳоро мекофтем, наход дар ҳамин қадар сол онро наёфта бошанд?

### Камарбанд

Дар асрҳои миёна подшоҳе ба ҷанг меравад ва пеш аз сафар ба миёни зани худ камарбанди садоқат мепӯшонад. Дар роҳ хизматгор аз подшоҳ мепурсад:

- Шоҳам, чаро ба шоҳбону камарбанди садоқат пӯшонидед? Охир, мисли ачуза баднамуд аст, ягон мард ба сӯяш нигоҳ намекунад.

Подшоҳ мегӯяд:

- Худам ҳам медонам. Вақте аз ҷанг баргаштам, мегӯям, ки калиди камарбандро гум кардаам.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## АЗ ФОЛКЛОРИ ПАНҶАКЕНТ

*Нашриёти "Дониш"-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон китоби "Фолклори Панҷакент"-ро аз чоп баровард. Маҷмӯаи мазкур, ки намунаи осори шифоҳии мардуми Панҷакентро фаро мегирад, дар натиҷаи экспедитсияи фолклорӣ дар тобистони соли 2019 аз ҷониби кормандони шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ - А. Маҷнунов, Б. Тӯраев, Ф. Исмоилов гирдоварӣ шудааст. Чанд латифаро аз ин китоб манзури шумо мекунем.*

### Орзуи Хоҷа Насриддин

- Агар ман Худо мешудам,- гуфт Хоҷа Насриддин, ҳамаи хону амирҳои аблаҳро ба гӯсфанд мубаддал мекардам.

- Пас онхоро чӣ кор мекардӣ?,- пурсиданд камбағалон.

- Он гоҳ ҳар рӯз палавхӯрӣ мекардем.

### Войдод

Афандӣ нахустфарзандашро Худодод ном дод. Номи писари дуюмаш Мавлодод шуд. Баъд пайи ҳам Раҳимдод, Алидод, Некдод, Хушдод ва боз чанд додҳои дигар ба дунё омаданд. Оқибат сарҳисоби фарзандонашро гум кардаву ба ташвиш афтод. Фарзанди охиринашро чунин ном ниҳод: «Войдод».

### Танбал

- Аҳмад барин одами танбалро дар умрам надидаам, ду соат боз аз ҷой начунбида шиштааст!

- Ту аз куҷо медонӣ?

- Ман ӯро поида шиштаам.

### Маош

Маошам ба ман пичир-пичир гӯшакӣ мекард:

- Биё ба ягон ҷой сайр равем.

Ман бошам, ба ӯ гуфтам:

- Дар хона шин, майдаӣ ҳоло.

### Ҳасрати ҷавонӣ

Як мурғ ба дигараш сурати тухмро нишон дода, мегӯяд:

- Дар ҷавониам, бин, чӣ хел будам.

### Хонадорӣ

Баъди хатми мактаби олӣ ҳамкурсон дар кӯча вохӯрданд.

- Гап зан ҷӯра, бо Маҳина хонадор шудӣ? Ё ҳоло ҳам худат хӯрок мепазӣ?,- пурсид яке.

Дигаре бо қаҳр ҷавоб дод:

- Ҳам инашу ҳам вояш...

### Дузд ва камбағал

Дузде вориди хонаи камбағал шуд ва ҳарчанд кофт, чизе барои бурдан наёфт. Ӯ бо сад афсӯс рафтанӣ шуд. Соҳиби хона, ки бедор буд, гуфт:

- Дарро пӯшида рав.

- Ман чизе аз хонаи ту набурдаам, ки маро кор фармоӣ,- ҷавоб дод дузд ва тез баромада рафт.

### Тӯша

Деҳқон:

- Шунидам, ки «Ба роҳи якрӯза равӣ, тӯшаи серӯза гир» гуфтаанд. Ин чӣ маънӣ дорад?

Мушфиқӣ:

- Инро аз ягон ходими савдо пурсед.

- Чаро?

- Чунки эшон барои умри панҷоҳ ё шастсолаашон дар талаби тӯшаи ҳазорсолаанд.

## Сканворд

